# СОЛИ НАВИ МЕЛОДИИ 2018 МУБОРАК!


*То ҷаҳон буд аз сари одам фароз,*
*Кас набуд аз роҳи дониш бениёз*

ДОНИШГОҲИ ТЕХНОЛОГИИ ТОҶИКИСТОН

# Фановар

FANOVAR

Нашрияи Донишгоҳи технологии Тоҷикистон

29 декабри соли 2017

№ 21-22 (75-76)


# ИҚТИБОСҲО

## АЗ ПАЁМИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН, ПЕШВОИ МИЛЛАТ МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН БА МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

*22.12.2017, шаҳри Душанбе*



Соли 2018 дар айёми таҷлили ҷашни Наврӯзи байналмилалӣ ва Рӯзи ҷаҳонии об - 22 март раванди татбиқи ташаббуси нави глобалии мо - Даҳсолаи байналмилалии амал "Об барои рушди устувор, 2018-2028" расман оғоз мегардад.

Вобаста ба ин, дар мамолики гуногуни ҷаҳон, аз ҷумла кишвари мо чорабиниҳои муҳим баргузор мешаванд.

* * *

Дар сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳким ва густариши муносибатҳо бо кишварҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил мавқеи стратегӣ ва моҳияти хос дорад.

Тоҷикистон раёсати Иттиҳоди Давлатҳои Мустақилро дар соли 2018 ба дӯш гирифтааст.

Мулоқоти сарони давлатҳо ва ҳукуматҳои кишварҳои аъзо соли оянда дар Тоҷикистон аз муҳимтарин чорабиниҳои раёсати мо арзёбӣ мегардад.

Дар мамлакати мо, ҳамчунин, Конфронси байналмилалии сатҳи баланд оид ба татбиқи Даҳсолаи байналмилалии амал "Об барои рушди устувор, 2018-2028" ва ҷаласаи сарони ҳукуматҳои кишварҳои аъзои Созмони Ҳамкории Шанхай баргузор мегарданд, ки мақоми муҳим хоҳанд дошт.

* * *

Дар панҷ соли охир маблағгузории соҳаҳои маориф аз буҷети давлатӣ 2,3 баробар ва тандурустӣ 2,1 баробар зиёд шуда, соли 2017 нисбат ба соли 2016 мутаносибан 16 фоиз ва 25 фоиз афзоиш ёфтааст.

Бо дарназардошти рушди иқтисодиёти мамлакат ва имкониятҳои имрӯзаи молиявӣ аз 1-уми сентябри соли 2018 музди меҳнати кормандони соҳаҳои буҷетӣ зиёд карда мешавад.

Аз ҷумла, музди меҳнати кормандони мақомоти ҳокимият ва идоракунии давлатӣ, муассисаҳои маориф, илм, фарҳанг, варзиш, тандурустӣ, муассисаҳои соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ ва дигар ташкилоту муассисаҳои буҷетӣ 15 фоиз, инчунин, музди меҳнати кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва хизматчиёни ҳарбӣ 10 фоиз зиёд карда мешавад.

Ҳадди ақал ва ҳадди ниҳоии нафақа аз рӯи синну сол ва нафақаи заминавӣ, инчунин, нафақаҳои меҳнатии шаҳрвандон ба ҳисоби миёна то 15 фоиз, стипендияи донишҷӯён ва дигар намудҳои стипендия 15 фоиз зиёд карда мешавад.

* * *

Бо дарназардошти тағйирёбии вазъу талаботи бозори ҷаҳонӣ ва таъмини рушди устувори иқтисодӣ тараққӣ додани соҳаи саноат ва коркарди маҳсулоти он то ҳадди ниҳоӣ аз ҷумлаи вазифаҳои муҳимтарин мебошад.

Хотиррасон менамоям, ки пешрафтиояндаи Тоҷикистон дар шакли индустриалӣ ва инноватсионӣ пешбинӣ гардида, ҷиҳати татбиқи ин ҳадаф бо истифода аз технологияҳои муосир баланд бардоштани самаранокии саноати коркард ва қобилияти рақобати маҳсулоти ватанӣ бисёр муҳим мебошад.

Бинобар ин, Вазорати саноат ва технологияҳои нав вазифадор аст, ки дар асоси таҳлили иқтидору имконоти минтақаҳо ва муайян намудани самтҳои афзалиятноки истеҳсолоти саноатӣ доир ба пайваста афзоиш додани коркарди ашёи хом то дараҷаи маҳсулоти ниҳоӣ барномаҳои соҳавиро фаъолона татбиқ намояд.

Барои тақвият бахшидан ба фаъолияти корхонаҳои саноатӣ ва бо кадрҳои баландихтисос таъмин намудани онҳо, зарур аст, ки ҳамкории муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ бо корхонаҳои саноатӣ дар самти омода намудани кадрҳо бо ихтисосҳои техникӣ ва технологӣ густариш дода шавад.

* * *

Сармояи инсонӣ ҳамчун муҳаррики пуриқтидор ба пешрафти инноватсия ва технологияҳои нав мусоидат мекунад ва бинобар ин, илми муосири ватанӣ бояд ҷавононро бештар ба илмомӯзӣ, татбиқи лоиҳаҳои инноватсионӣ ва таҳқиқи масъалаҳои иқтисоди рақамӣ сафарбар намояд.

Махсусан, вусъат додани раванди ихтироъкорӣ, азхудкунии технологияҳои инноватсионӣ ва ҷорӣ кардани онҳо дар истеҳсолот вазифаи аввалиндараҷаи олимони кишвар маҳсуб меёбад.

* * *

Сайёҳӣ яке аз соҳаҳои муҳимми бо шуғл фаро гирифтани аҳолии қобили меҳнат, баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардум, рушди дигар соҳаҳои хизматрасониву истеҳсолӣ, инчунин, муаррификунандаи таъриху фарҳанг, табиат ва анъанаҳои миллӣ ба ҳисоб меравад.

Барои рушди ин соҳа дар кишвар ҳамаи заминаҳои зарурии меъёрии ҳуқуқӣ фароҳам оварда шуда, илова бар ин, як силсила чораҳои ҳавасмандкунӣ низ татбиқ гардидаанд.

Аз ҷумла, воридоти таҷҳизот ва масолеҳи сохтмон барои иншооти сайёҳӣ аз пардохтҳои андозу гумрук ва ширкатҳои сайёҳӣ дар панҷ соли аввали фаъолияташон аз пардохти андоз аз фоида озод карда шудаанд.

* * *

Ба Кумитаи рушди сайёҳӣ супориш дода мешавад, ки барои инкишофи намудҳои гуногуни сайёҳӣ, таъсиси инфрасохтори зарурӣ, омода намудани маводи иттилоотӣ ва хатсайрҳои нав дар мавзеъҳои гуногуни кишвар, инчунин, такмили қонунгузории танзимкунандаи фаъолияти соҳа чораҳои зарурӣ андешида, лоиҳаи Стратегияи рушди сайёҳиро барои давраи то соли 2030 омода ва барои баррасӣ ба Ҳукумати мамлакат пешниҳод намояд.

* * *

Бо мақсади тараққӣ додани соҳаи сайёҳӣ, муаррифии шоистаи имкониятҳои сайёҳии мамлакат ва фарҳанги миллӣ дар арсаи байналмилалӣ, инчунин, ҷалби сармоя ба инфрасохтори сайёҳӣ пешниҳод менамоям, ки соли 2018 дар кишвар Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ эълон карда шавад.

Дар ин раванд, Ҳукумати мамлакатро зарур аст, ки барои рушди ҳунарҳои мардумӣ ба соҳибкорон ва ҳунармандон ҷудо намудани қарзҳои имтиёзнокро тавассути Фонди дастгирии соҳибкорӣ васеъ ба роҳ монад.

Инчунин, бо мақсади ҳавасмандгардонии аҳолӣ ҷиҳати истеҳсоли молҳои ниёзи мардум дар хона ва рушди ҳунарҳои мардумӣ аз 1 январи соли 2018 фурӯши чунин молу мавод аз пардохти ҳамаи намудҳои андоз озод карда шавад.

* * *

Дар шароити имрӯза, ки илму технология бо суръати кайҳонӣ пеш рафта истодааст, олимони кишварро зарур аст, ки ҷиҳати баланд бардоштани қобилияти рақобати илми ватанӣ корҳои таҳқиқотиву технологиро вусъат бахшанд.

## ТАБРИКОТИ РЕКТОРИ ДТТ, АМОНЗОДА ИЛҲОМ ТЕМУР БА МУНОСИБАТИ СОЛИ НАВИ МЕЛОДӢ

**Устодон ва донишҷӯёни азиз!**

Соли 2017, ки бо ташаббуси Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Соли ҷавонон эълон гардида буд, баъди чанд рӯз ба ҳукми таърих ворид шуда ҳукмрониро ба Соли нав - соле, ки тоҷикону тоҷикистониён аз он файзу баракат, шодию нишот ва комёбию дастовардҳои бузургро интизоранд, во мегузорад.

Соли 2017 барои мардуми шарифи Тоҷикистон, аз ҷумла ҳайати устодону профессорон ва донишҷӯёни ДТТ аз бисёр ҷиҳат соли бобарор ва пур аз комёбиҳо буд,

Табиист, ки Соли нав дар тамоми идораю муассисаҳо, корхонаю ташкилотҳо ва дигар коллективҳои меҳнатӣ, новобаста аз шакли моликияташон бо натиҷагирии соли сипаришуда ва муайян намудани вазифаҳо дар Соли нав оғоз мегардад.

Натиҷагирӣ ва таҳлилҳо нишон доданд, ки заҳматҳои аҳли илм ва дигар кормандони донишгоҳ баҳри ободонӣ ва боз ҳам беҳтар гардидани сифати таълиму тарбия, тайёр намудани мутахассисони ба талаботи бозори меҳнат рақобатпазир самараи хуб доданд. Аз ин рӯ, Шуморо бо анҷоми бобарори соли 2017 ва оғози Соли нави 2018 самимона шодбош гуфта, бароятон саломатӣ, саодати рӯзгор, ривоҷи корҳои илмӣ - тадқиқотӣ ва таҳсили хубу аъло таманно дорам.

Соли 2017 дар ҳақиқат соли таърихӣ, соли рӯйдодҳои муҳими сиёсию иқтисодӣ ва иҷтимоию фарҳангӣ буд. Аз ҷумла, таҷлили бошукӯҳи Наврӯзи байналмилалӣ, 20-солагии Рӯзи Ваҳдати миллӣ, 26-умин солгарди Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 25-солагии Иҷлосияи 16-уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сатҳи баланд гузаронида шуданд. Ба истифода додани якчанд иншоотҳои муҳими аҳамияти ҷумҳуридошта ва мавриди баҳрабардорӣ қарор додани роҳу пулҳо ва даҳҳо биноҳои хуштарҳу замонавии маданию маъмурӣ ва истиқоматӣ, ки ба ҳамин сол рост омаданд, ба беҳтар гаштани сатҳи зиндагии мардум ва ободии кишвари азизамон - Тоҷикистони соҳибистиқлол мусоидати бештар намуданд.

Яке аз муҳимтарин рӯйдодҳои сол ин Паёми Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад, ки 22-юми декабр ироа гардид. Паёми Пешвои миллат, ки тамоми паҳлуҳои ҳаёти ҷомеа ва соҳаҳои ҳаётан муҳими кишварро дар бар мегирад, ҳамчун роҳнамо дар рушди минбаъдаи иқтисодиву иҷтимоии мамлакат ва баланд гардидани обрӯю эътибори он дар арсаи байналмилалӣ нақши арзанда хоҳад гузошт,

Комёбиҳои бадастовардаи ҳайати устодону профессорон, кормандон ва донишҷӯёни мо низ дар соли 2017 кам набуданд. Донишгоҳ дар соҳаи илм ва таълиму тарбия як қатор дастовардҳоро соҳиб шуд. Дар соли сипаришаванда ҳамкориҳои донишгоҳ бо дигар мактабҳои олии кишварҳои хориҷи дуру наздик вусъат ёфтанд.

Ҳамкорону донишҷӯёни азиз! Аз комёбиҳое, ки мову шумо дар соли 2017 ба даст овардем, набояд хотирҷамъ шуд. Баръакс мову шуморо лозим аст, ки баҳри татбиқи сиёсати оқилонаю хирадмандонаи Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, бахусус, Паёми имсолаашон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даҳчанд заҳмат кашида, кӯшишу ғайрати бештар ба харҷ диҳем.

Боварӣ дорам, дар соли 2018, ки аз ҷониби Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ эълон гардидааст, мову шумо дар якҷоягӣ баҳри иҷрои нақшаҳои базиммадоштаамон кӯшиш ба харҷ дода, комёбиҳоямонро боз ҳам бештар мегардонем.

**Соли наватон муборак бошад!**

## ПАЁМИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ - РОҲ БА СӮИ ОЯНДАИ ПУРСАОДАТ



Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми навбатии худ ба масоиле диққати ҳамаро ҷалб намуданд, ки воқеанояндаи дурахшон ва пирӯзию комёбии мо тоҷикон аз ҳалли онҳо вобастагӣ дорад. Пешвои миллат ҷиҳати пешрафти тамоми ниҳодҳо ва таъмини зиндагии шоиста ба мардуми Тоҷикистон роҳҳои оқилонаро ироа намуданд. Тамоми сохторҳо, ҳар як шаҳрванди кишвари мо вобаста ба самти худ агар паёми Пешвои миллатро дар амал татбиқ намояд, бешак, ҳамаи мороояндаи пурсаодат ва пешрафтҳои беназир мунтазир аст. Мо инҷо бештар вобаста ба он таъкидҳои Пешвои миллат, ки Китоб-

*(Давомаш дар саҳ. 2)*

## ПАЁМИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ - РОҲ БА СӮИ ОЯНДАИ ПУРСАОДАТ

*(Аввалаш дар саҳ. 1)*

хонаи Донишгоҳи технологии Тоҷикистон дар асоси он фаъолияти худро ба роҳ мемонад, ибрози андеша мекунем. Дар Паёми Пешвои миллат ба масъалаҳои рушди нерӯи инсонӣ, боло бурдани сатҳу сифати дониш, баланд бардоштани ҳисси худшиносии миллӣ, ватандӯстӣ, ифтихори ватандорӣ, ҷалби ҷавонон ба илмомӯзӣ, густариш додани эҳсоси эҳтиром ба муқаддасоти милливу рамзҳои давлатӣ тавваҷҷӯҳ намуданд, ки ҷиҳати амалинамоии ин таъкидҳо кормандони Китобхонаи ДТТ тамоми кӯшишу ғайрат ва иқтидори худро равона месозанд. Баланд бардоштани ҳисси худшиносии миллӣ, ватандӯстии донишҷӯён, ки дар такя ба китобхонаи донишгоҳ донишҳои касбии худро сайқал медиҳанд ва созандагони ояндаи Ватан мебошанд, яке аз вазифаҳои аввалиндараҷаи кормандони Китобхонаи Донишгоҳи технологии Тоҷикистон аст. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати боз ҳам самаранoктар ба роҳ мондани ин самти фаъолият такони ҷиддӣ бахшид.

Дар Паём Пешвои миллат таъкид намуданд, ки "Вазорати маориф ва илмро зарур аст, ки ҷиҳати боло бурдани сатҳу сифати дониши хонандагону донишҷӯён, омӯзиши илмҳои муосир ва забонҳои хориҷӣ тадбирҳои иловагӣ андешида, ба масъалаи баланд бардоштани ҳисси худшиносии миллӣ, ватандӯстӣ, ифтихори ватандорӣ ва дар рӯҳияи инсонпарварӣ тарбия намудани насли навраси кишвар таваҷҷӯҳи аввалиндараҷа зоҳир намоянд". Вобаста ба ин дастури Пешвои миллат моро зарур аст, ки тавассути ҷорабиниҳои гуногуни китобхонавӣ ва ҷалби донишҷӯён ба мутолиа, ташкили озмунҳои рушддиҳандаи иқтидори зеҳнӣ, баргузорнамоии маҳфилҳо ҷиҳати ташаккули рӯҳияи инсонпарварӣ дар донишҷӯён ҷиҳати татбиқи Паём саҳмгузор бошем. Татбиқи ҳар як нуктаи дар Паём ироагардида қарзи инсонию шаҳрвандӣ ва масъулияти кории ҳар яки мост. Зеро амалинамоии он кафили зиндагии осоиштаи миллати мо мебошад. Афзалият бахшидан ба таълиму тарбияро Пешвои миллат яке аз ҳадафҳои стратегӣ арзёбӣ намуданд, ки ҳисси масъулиятнокии моро афзун менамояд. Пешвои миллат иброз доштанд,ки: "Моро зарур аст, ки боз ҳам зиёдтар заҳмат кашида, ба масъалаи таълиму тарбия афзалияти бештар диҳем, сатҳу сифати таълимро дар ҳамаи зинаҳо бештар кунем...".

Ба ҳамаи мо маълум аст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон айни замон ба кадрҳои баландихтисосу рақобатпазир дар ҷаҳони муосир аз ҳарвақта дида бештар ниёз дорад. Ҳамаи мушкилиҳои дар мамлакатамон мавҷудбуда роҳи ҳалли худро дар такя бо мутахассисони варзидаи соҳаҳои гуногун пайдо менамоянд. Аз ин рӯ, масъалаи омоданамоии кадрҳои ҷавобгӯ ба талабот яке аз ҳадафҳои асосии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аст, ки Пешвои миллат дар Баромади худ ба он таваҷҷӯҳ намуданд. Махсусан, раванди ҷаҳонишавӣ масъалаи омоданамоии кадрҳоро мураккабтар мегардонад. Маҳз ба ин хотир Пешвои миллат дар Паёми худ таъкид намуданд, ки: " Тамоюли ҷаҳонишавии фарҳанг ба яке аз проблемаҳои глобалии асри XXI табдил ёфта, талабот нисбат ба сатҳи маънавиёти инсон, тарбия ва ташаккули наслҳое, ки вазифаҳои азими бунёди ҷомеаи навин дар даврони соҳибистиқлолии миллати тоҷик ба зиммаи онҳо гузошта хоҳад шуд, торафт меафзоянд".

***С. Абдумуминзода, директори китобхонаи ДТТ***

## ПАЁМ - МЕҲВАРИ ПЕШБАРАНДАИ ҶОМЕА

Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҳаёти ҷамъиятӣ-сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии кишвар ҳамчун чароғи фурӯзон, фишанги доимоамалкунанда ва пешбарандаи ҷомеа ба ҳисоб рафта, воқеан ҳам, раҳнамо барои пешрафту шукуфоии диёри азизамон - Тоҷикистон мебошад. Боиси қайд аст, ки паёми мазкур дар заминаи ғояҳои баландпояи пурмазмун асос ёфта, қисми ҷудонашавандаи сиёсати дохилӣ ва хориҷии кишвар ба ҳисоб рафта, ҷомеаро ба кору фаъолияти пурмаҳсулу самарабахш даъвату ҳидоят менамояд.

Дар паёми имсолаи хеш ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Сарвари давлат қайд намуданд, ки сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва ваҳдату якпорчагии мардуми шарафманди тоҷик имкон дод, ки мо маҷрои рушди иқтисоди миллиамонро ба куллӣ тағйир диҳем, барномаҳои нави давлатиро қабул кунем, сохтори давлатдориамонро, ки асоси онро принсипи адолати иҷтимоӣ ташкил медиҳад, таҳким бахшем, иқтидорҳои нави истеҳсолиро ба кор андозем, сокинони мамлакатро дар тамоми фасли сол бо нерӯи барқ таъмин кунем ва барои рушди минбаъдаи соҳаҳои ҳаётан муҳимми кишвар шароит ва заминаи мусоид фароҳам оварем.

Инчунин бо мақсади тараққӣ додани соҳаи сайёҳӣ, муаррифии шоистаи имконияҳои сайёҳии мамлакат ва фарҳанги миллӣ дар арсаи байналмилалӣ, инчунин ҷалби сармоя ба инфрасохтори сайёҳӣ соли 2018 бо ташаббуси Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар кишвар Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ эълон карда шуд.

Ҳамзамон, дар паёми хеш Пешвои миллат боз рӯ овarданд ба ҷавонон ва чунин иброз намуданд. "Боиси қаноатмандист, ки ҷавонони бонангу номус ва боиродаи мо ҳамчун нерӯи созанда дар маъракаҳои муҳимми давлативу ҷамъиятӣ фаъолона иштирок карда, дар корҳои ободонӣ ва бунёдкорӣ ҳиссаи сазовор гузошта истодаанд.

Дар ин раванд, зарур аст, ки минбаъд худи ҷавонон ташаббускори амалҳои созанда бошанд, дастовардҳои илмиву эҷодии худро сари вақт муаррифӣ созанд, ба муқобили зуҳуроти номатлуб мубориза баранд, зиракии сиёсиро аз даст надода, дар ҳифзи амнияти ҷомеа ва давлат омода бошанд, таъриху фарҳанги халқамонро гиромӣ доранд ва барои ободиву пешрафти минбаъдаи Ватани маҳбубамон саъю кӯшиш намоянд.

Ғамхории Ҳукумат нисбат ба ҷавонон танҳо бо Соли ҷавонон маҳдуд намешавад. Баръакс, ҳалли масъалаҳои вобаста ба наврасону ҷавонон минбаъд низ самти муҳимтарини фаъолияти мо хоҳад буд.

Мо ҷавонон ҷавобан ба ин ҳама ғамхориҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қавл медиҳем, ки фарзанди фарзонаи миллат шуда, ба халқу Ватан содиқона хизмат намуда, номбардори ин меҳани биҳиштосо мегардем!

***Мунира Бобоева, магистранти курси 1, ихтисоси 1-25010301***

**Саг аз ҷумлаи ҳайвонотест, ки дар асотир ва мазҳаби бархе аз ҷаҳониён мавриди эҳтиром қарор гирифта, ҷанбаҳои намодӣ пайдо кардааст. Саг ҳамчунин дар дини зардуштӣ ва миёни мардуми форси бостон арзиш ва ҷойгоҳи хосе доштааст.**

## РОБИТАИ ИНСОН ВА САГ ДАР ТӮЛИ ТАЪРИХ

**Саг нахустин ҷонваре аст, ки дар дасти инсон ром шудааст. Дӯстӣ байни инсон ва саг қадимтарин ва пойдортарин дӯстие ҳаст, ки метавон дар тӯли таърих аз он ном бурд. Дар пайи тамоми пастӣ ва баландиҳое, ки инсон то кунун шинохтааст, аз ҷанг ба сулҳ ва то ба дороиву фақру бадбахтӣ саг ёру вафодори одам будааст. Мазоҳиб ва адёни мухталиф низ барои саг мақоми вижаро дода буданд. Мисриёни қадим барои саги мурдаи худ мақбара ва борго месохтанд, касе, ки сагро озор медод ё мекушт ба танбеҳоти сахт ва ҳатто маҳкум ба марг мешуд. Бинобар ин, дар бораи вафодориву садоқати саг дар тамоми боварҳои мардумӣ қиссаҳову афсонаҳо ва эътиқоди халқ гуфтаҳои зиёде мавҷуд аст. Гузашта аз ин, вафодорӣ ва садоқати саг дар таҳлилҳои илмӣ низ собит гаштааст ва инро касе наметавонад инкор кунад. Ҳангоме ки инсон сагро парвариш мекунаду унс мегирад, ин ҳайвони зирак то охири умр ба ӯ вафодор мемонад, ҳатто лаҳзае аз ӯ дур намешавад. Образи вафодории сагро имрӯзҳо мо тавассути синамо ба таври барҷаста мушоҳида мекунем, ки ҳатто фарзанди шахс низ дар вафодорӣ ба саг баробар шуда наметавонистааст. Беҳтарин намунаи ин киноҳо, кинои "Хатико - беҳтарин дӯст" собитгари ин андешаҳо мебошад. Кинои мазкур дар асоси қиссаҳои воқеӣ ба навор гирифта шуда, интизории 10-солаи саг Хатикоро дар роҳи соҳиби мурдааш тасвир мекунад, ки оқибат дар роҳпоии соҳибаш худ низ вафот мекунад.**

***Гулҳаёи Мадимар***



## СОЛИ САДОҚАТ

### СОЛИ НАВ БА МО ЧӢ МЕОРАД?

Гумон мекунам дар рӯи замин кам инсонҳое ҳастанд, ки ояндаро донистан нахоҳанд. Бале, донистани оянда, агарчӣ тахминӣ бошад ҳам, аммо барои бисёриҳо шавқангез аст. Ситорашиносон имсол ҳам нисбат ба Соли Нав пешгӯиҳо кардаанд.

Инак, Соли Нав ба мо чӣ меорад? Пеш аз ҳама мувофиқи нишондоди тақвимии шарқӣ шаби 28-уми феврал Хуруси сурхи оташнамо тахти худро ба Саги Зарди Заминӣ месупорад. Чаро Саги зарди Заминӣ? Пеш аз ҳама чӣ хеле ки медонем, саг вафодортарин ҳайвон барои инсон аст ва нисбат ба соҳиби худ хиёнат намекунад. Мафҳуми "Замин" бошад, мазмуни онро дорад, ки мо дар сайёраи замин ба сар мебарем ва бе он зиндагӣ карда наметавонем. Замин барои инсон ҳамчун Модар аст ва ба одамӣ ризқу рӯзӣ медиҳад. Зард бошад, намоди тилло, муқаддасот ва меҳрубонӣ аст.

Шояд аз ҳамин сабаби садоқаташ бошад, ки номи сагро дар навиштаҳои гузаштагону имрӯзиён вафодор гуфта навиштаанд. Пас Соли Нав барои мо фароҳбахшу гуворо шуда метавонад ва дар соли вафодор месазад бар қудрату матонати худ бовар намоем.

Мувофиқи пешгӯии ситорашиносон дар ин сол ҳар нафаре, ки дар худ мақсади иҷрои кори наверо дошта бошад, метавонад таваккал карда, аз пайи суботи он шавад, зеро саг ба хотири ҳифзи хонадони хеш таваккал карда, ба аҷнабиён ҳамла мекунад ва ғолиб мешавад.

### ЧӢ ГУНА СОЛИ НАВРО БОЯД ПЕШВОЗ ГИРИФТ?

Мо ҳамагон медонем, ки саг дӯстдори ҷамъият аст. Аз ин рӯ, шаби Соли Навро агар мо бо ҷамъи дӯстон пешвоз гирем, он гоҳ дар зиндагиномаи мо мувофиқи нишондоди ситорашиносон муҳаббату садоқат нуфуз ёфта, хиёнатро аз ҷониби дӯстонамон намебинем. Инчунин, дар шаби Соли Нав агар ба аъзои оила ба сайругашт бароем, манфиати хуб меорад ва оянда моро саёҳати бузурге интизор аст.

Рафтори дигаре, ки имсол мо бояд дар шаби Соли Нав иҷро кунем, ин муносибат ва муоширати хуб кардан ба ҳамагон аст, зеро вафодор муносибати хубро дӯст медорад ва вафодорияш нисбат ба инсон зиёд мешавад.

### ШАБИ СОЛИ НАВ ЧӢ ГУНА ТАОМ БОЯД ТАЙЁР КАРД?

Албатта, ҳар кадоме аз кадбонуи хона кӯшиш мекунанд, ки шаби Соли Нав хӯрокҳо ва хӯришҳои гуногун тайёр карда, дастурхонашонро пурфайзу зебо гардонанд. Саг, ки ҳайвони ҳамахӯр аст, серироо дӯст медорад. Зеро агар ин ҳайвон сер бошад, он гоҳ вафодории ӯ даҳчанд шуда, барои инсон садоқати ниҳоят баланд зоҳир менамояд. Барои ҳамин дастархони солинавӣ бояд пур аз хӯрданиҳои зиёд бошад ва ба ҳамагон серӣ бояд хӯрок хӯранд.

### КАДОМ НАМУДИ ТАОМҲО ДАСТАРХОНИ МОРО ОРО ДИҲАНД?

Ба гуфти ситорашиносон саг ба гурӯҳи ҳайвоноти хонагии ваҳшӣ шомил аст ва пеш аз ҳама гӯштро дӯст медорад ва агар дар шаби Соли Нав дар дастурхони мо хӯриш ва хӯрокҳои гӯштӣ бошад, ин ба рӯзгори мо файз меорад.

### ШАБИ СОЛИ НАВ ЧӢ ГУНА ЛИБОС БОЯД ПӮШИД?

Мувофиқи пешниҳоди ситорашиносон шаби Соли Навро бояд бо гулҳои зардранги на он қадар рӯшан пешвоз гирем ва аз гулҳои рангоранги ҳархела даст кашем. Шаби Соли Нав пӯшидани либосҳои хокистарранг, зард ва ранги тиллодоштаро ситорашиносон тавсия медиҳанд.

Агар занон либосҳои гиребони пашмӣ дошта пӯшанд, то охири сол зиндагиномаи онҳо рангину зебо мегардад.

Ситорашиносон мегӯянд, ки шаби Соли Нав овехтани гӯшвораҳои зард ва тиллоӣ ба занон то охири сол барор меоранд.

### ХУЛОСА

Зиндагӣ дар гузар аст, саманди бодпои ҳаёт дар як мижа задан фарсаххоро тай месозад ва дар ин шоҳроҳи ҳаёт мо бо шебу фарозҳои бешу каме рӯ ба рӯ мешавем ва зебо намудани зиндагиномаву рӯзгорамон аз худи мо вобаста аст. Аммо одамӣ дар ҳама ҳолатҳои зиндагӣ дӯстдори ояндаи нек аст ва бошад, ки Соли Нав ба дастурхони мо файзу баракат оварда, рӯзгорамонро боз ҳам ободтару зеботар гардонад. Нуфузи давлати мо дар арсаи ҷаҳон боз ҳам зиёдтар шуда, Тоҷикистони азизи мо ҳамеша орому осуда бошад.

Соли наватон муборак бошад!

***Тағоймурод Орифӣ***

# СОЛИ ҶАВОНОН - МАҚСАД, НАТИҶА ВА ДУРНАМОИ ОН

**Ғамхории Ҳукумат нисбат ба ҷавонон танҳо бо Соли ҷавонон маҳдуд намешавад. Баръакс, ҳалли масъалаҳои вобаста ба наврасону ҷавонон минбаъд низ самти муҳимтарини фаъолияти мо хоҳад буд.**

***Аз Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 22.12.2017***

Таърихи тозаистиқлоли Тоҷикистон ба рушди илмию маънавии ҷавонони тоҷик таъсири мусбӣ расонида, ҷавононояндаи худро бо назари нек менигаранд. Ин ҳама умедвориҳоро дар дили ҷавонони тоҷик мураббӣ ва пешвои оқилу донои ҳамаи мо муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон эҳё ва парвариш кардааст. Ҳоло мехоҳам ҳамчун як ҷавони замони истиқлол ва эҳсоскунандаи тарбияти ин мактаби ҷавонмардсоз, сиёсатшинос ва бунёдкору тамаддунпарвар шаммае аз ғамхориҳои Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро нисбат ба ҷавонони табақаҳои гуногуни миллати тоҷик ва умедвориҳои онро дар 25 соли ташаккулёбии сиёсати давлатии ҷавонон ва эълон гардидани соли 2017- Соли ҷавонон ва ниҳоят хотима наёфтани ҳамкориҳои Пешвои миллат бо ҷавонон дар марҳалаи гузариш ба низоми рушди босуръат дар сохтори давлатӣ, сиёсати дохилию хориҷии кишвар, ки ҳадафҳои асосии ҳар роҳбари давлат мебошад, эҳсоси дарк ва самимият намоям.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бамаврид таъкид намудаанд, ки "Ҷавонон нерӯи бузурги давлат будаояндаи миллат ба ҳисоб мераванд". Албатта ин мафҳум дар зери худ таърихи гузашта ваояндаи ҳар халқу миллатро таҷассум кардааст, зеро мо дар бисёр давраҳои таърихӣ мушоҳида менамоем, ки ҳар ҳоким бо такя ба ҷавонон ба иҷрои ҳадафҳоиояндаи худ менигарад, ҳатто мо аз назари динӣ низ нигарем мебинем, ки Паёмбари ислом (с) онгоҳ, ки дар Тоиф аз тарафи роҳбарон рад карда шуд ба худ гуфт, ман аз наслиояндаи онҳо умедворам ва ин умедворӣ ӯро ба муваффақиятҳои оянда ноил гардонид. Даҳҳо ин гуна мисолҳоро метавон аз таърихи гузаштаи ниёгони худ мисол овард, вале мо мехоҳем инҷо якчанд ташаббусҳои сарвари давлатро аз марҳалаи Раиси Шӯрои Олӣ то фарҷоми Соли ҷавонон - соли 2017 пеши назар орем.

Дар даврони 70 соли ҳукмронии собиқ Шӯравӣ кор бо ҷавонон бо унвони "Комсомол" (коммунистический Союз Молодёжи) ҳамчун ниҳоди фаъоли Ҳизби ягонаи ҳукмрони коммунистӣ ба омодасозӣ ва таъмини кадрҳои болаёқат ва ватандӯст барои Давлати Шӯравӣ хизмат мекард. Ин таҷриба ба Президенти маҳбуби мо имконият дод, ки баъд аз пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ ва бунёди давлати соҳибистиқлол чунин ниҳоди қонунӣ бо унвони "Сиёсати давлатии ҷавонон" асос гузорад, ки вобаста ба он ҳанӯз дар ҳафтумин моҳи бадастории истиқлолияти давлатӣ қарори Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз 13 марти соли 1992) ба тасвиб расид. Ин аввалин иқдоми Президенти кишвар, ки он вақт ба унвони Раиси Шӯрои Олӣ шинохта мешуд, ба ҳисоб меравад. Ҷавонон - нерӯиояндасози миллат он вақт дар пайи халосии ҷони худ аз таҳдидҳои гурӯҳҳои бо ҳам мухолиф баданд ва шояд касе тасаввур намекард, ки касе аз миёнашон пайдо шаваду онҳоро гирди ҳам оварда бунёди давлати муттамарказ, муттаҳид ва соҳибистиқлолро башорат диҳад. Хушбахтона, ин иқдом аз ҷониби фарзанди фарзонаи миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар баромадҳои пай дар пай то ба ҷое, ки барои амалии ҳадафҳои стратегии худ ҷонашро зери хатар гузошта меҳри ҷавононро баояндаи ватан гарм ва муносибатҳои байниҳамдигариро ҳалим гардонид. Ин боис шуд, ки ҷавонон даст ба дасти ҳамдигар дода, дар мактаби созандаи роҳбари кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон гирд омаданд.

Бо мақсади ҷалби насли ҷавон ба фаъолнокии сиёсӣ ва беҳтар гардонидани вазъи сиёсию иҷтимоӣ дар кишвар 17 марти соли 1994 дар доираи Анҷумани якуми ҷавонони Тоҷикистон мулоқоти аввалини расмии Сарвари мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо намояндагони ҷавонони кишвар баргузор гардид. Он дар шароите буд, ки аз ҳар тараф вазъи иқтисодӣ, иҷтимоӣ, маънавии ҷавонон дар ҳолати нокифоятӣ қарор дошта, давлат низ дар ҳолати ҷанги таҳмилӣ гирифтор буд. Вале новобаста аз ин, бо умеди роҳнамоии ҷавонон ба фардои нек ва равонасозии онҳо ба бунёди давлати аҷдодӣ, дастёбӣ ба мустақилияти комил, ҳувияти миллӣ ва эҳёи арзишҳои миллӣ Сарвари мамлакат бо ҷавонон мулоқот намуданд. Роҳбари давлат ба нерӯи созандаи ҷавонон боварӣ ва низ эҳтиёҷ дошт. Ин раванд аз як тараф, баҳамоии тарафҳои мухолиф ва аз тарафи дигар, аҳолии осоиштаро баояндаи неки ватан умедвор мегардонид. Вохӯриҳои пайиҳами Сарвари кишвар бо намояндагони ҷавонони мамлакат 23 майи соли 1997 ибтидо мегирад ва он рӯз - 23 май Рӯзи ҷавонони Тоҷикистон эълон гардид. Он дар ҳоле буд, ки раванди оштии миллӣ фаро расидаву марҳалаи дуюми созандагӣ дар пеш истода буд. Дар он давраи ҳаётан муҳим саҳми ҷавонон зарурӣ буда, барқарорсозии соҳаҳои гуногуни маориф, фарҳанг, тандурустӣ ва дигар соҳаҳоро пеша хоҳад кард. Дар ин давраи татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон мулоқоти расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо намояндагони ҷавонони мамлакат - ин навбат (16 майи соли 1998) бо ҷавонони лаёқатманд доир гардид. Дар ин мулоқот асосан масъалаҳои марбут ба илму маърифат, дастгирии соҳибистеъдодҳои ҷавон, нақши фарди ҷавони бомаърифат дар бунёд ва таҳкими давлат, дастовардҳои таърихии фарзандони тоҷик, истиқлолияти давлатӣ, мероси фарҳангию таърихӣ, забони давлатӣ, муттаҳидӣ, ваҳдат ва ғайра баррасӣ гардиданд.

Зина ба зина барқарорсозӣ ва мустаҳкамгардонии дастгоҳҳои давлатӣ ба боварии ҷавонон ва ҷалби онҳо ба илмомӯзию ҳунармандӣ ва садоқат ба ватану миллати азизи худ то рафт боло рафта акнун онҳо дарк мекарданд, ки танҳо сулҳу осоиштагӣ ва якдилию ҳамдигарфаҳмӣ метавонад равобити рақобатпазириро дар соҳаҳои гуногун, аз ҷумла дар истеҳсоли нерӯи созанда ва сармояи инсонӣ, ки ба дастёбии амнияти озуқаворӣ мерасонад, хоҳем дарёфт.

Таъсисёбии Кумитаи кор бо ҷавонони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1997 ҳамчун мақомоти ваколатдори давлатӣ барои дар амал ва босифат татбиқ намудани сиёсати давлатӣ акнун на ҳамчун субъеки қонунӣ, балки ҷавонон низ ҳамчун субъект-объекти амалисозии сиёсати давлатӣ муҳайё гардиданд. Ин ба ҳукумат шароит фароҳам овард, ки барномаҳои минбаъдаи сиёсати давлатии ҷавононро боз ҳам хубтар малбағгузорӣ карда, доираи иҷроиши нақшаҳоро васеъ гардонад.

21 майи соли 2005 дар фазои сулҳу субот мулоқоти навбатии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо намояндагони ҷавонони ҷумҳурӣ баргузор гардид. Дар мулоқот масъалаҳои гуногуни фарогирандаи ҳаёти иҷтимоию иқтисодӣ ва сиёсию фарҳангии ҷавонон баррасӣ гардида, ба Ҳукумати ҷумҳурӣ ва вазорату идораҳо ва ташкилоту муассисаҳо дар самти татбиқи босамари сиёсати давлатии ҷавонон дастуру супоришҳо дода шуданд.

Дар натиҷа аз мулоқот бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 июни соли 2005, Нақша - чорабиниҳо ҷиҳати иҷрои дастуру супоришҳои додашуда ба тасвиб расиданд. Нақша иборат аз 54 дастуру супоришҳо бо нишондоди муҳлатҳои муайян тартиб дода шуда буд:

- теъдоди грантҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи тарбияи ватанпарастии ҷавонони Тоҷикистон аз 5 ба 6 адад ва маблағи он аз 5000 то ба 10000 сомонӣ зиёд карда шуд (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10.05.2005, №167);
- теъдоди стипендияҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои хонандагони мактабҳои таҳсилоти умумӣ, литсейҳо, гимназияҳо, омӯзишгоҳҳои касбӣ-техникӣ, омӯзишгоҳҳо, техникумҳо аз 100 ба 300 адад расонида шуд (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1.08.2005, №283);
- бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31.10.2005, №1625 андозаи амалкунандаи стипендияҳо барои донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва миёнаи касбӣ 100% зиёд карда шуд.

Маҳз ҷавонони эҳсоси ватандӯстиашон баланд метавонанд пешбаранда ва ҳимоятгари асили кшвар бошанд ва ба рушду нумуи он мусоидат намоянд. Чунонеки зимни мулоқоташ Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо намояндагони ҷавонони ҷумҳурӣ - 23 майи соли 2013 иброз намуданд: "Имрӯз ҷавонони мо ҳамчун нерӯи бузурги бунёдгару созандаи мамлакат эътироф шудаанд. Аз ин рӯ, мо ҳалли мушкилоту масъалаҳои ҳаёти наврасону ҷавононро самти стратегӣ ва афзалиятноки сиёсати иҷтимоии давлат эълон кардаем". Албатта, дар шароити бархӯрдҳои глобалӣ ва фирори марзҳо, ки дигаргунсозиҳои дохилию хориҷии ҳар кишварро бетаъсир намемонад, ин ғамхориҳо нисбат ба ҷавонон мувофиқи мақсад арзёбӣ хоҳад шуд.

Бо ҳамин мақсад Пешвои миллат дар Паёми навбатии худ 22 декабри соли 2016 бори дигар қадрдонии ҷавононро ба ҷо оварда, соли 2017-ро Соли ҷавонон эълон кард. Инчунин дар Паёмашон қайд карданд, ки "ҷавонон бояд аз ҳама қишрҳои ҷомеа дида бештар фаъол бошанд, ташаббусҳои созанда пешниҳод намоянд, рамзҳои давлатӣ, муқаддасоти миллӣ ва дастовардҳои истиқлолиятро ҳифз кунанд. Дар ҳаёти сиёсиву иҷтимоии Тоҷикистон бо дасту дили гарм ва нерӯи бунёдкорона ширкат варзанд". Соли 2017 дар ҳаёти илмию фарҳангӣ ва сиёсию иқтисодии ҷавонон нисбат ба солҳои пешин муассиртар буда, дастовардҳои назаррасе ба анҷом расонида шуданд. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки ҷавонон ин солро бо шавқ пешвоз гирифта дар соҳаҳои гунонуни илмию техникӣ ва коммуникатсия корҳои шоистаеро ба иҷро расониданд.

Дар ҷавоб ба дастуру ҳидоятҳои Пешвои миллат вобаста ба баланд бардоштани савияи дониш ва малакаи корӣ сатҳи донишандӯзии ҷавонон ҳамасола афзоиш меёбад. Дар ин давра тавассути муассисаҳои илмии кишвар садҳо ҷавонон соҳиби унвонҳои илмӣ гардида, дар риштаҳои гуногуни ҳаёти ҷамъиятӣ хизмат кардаанд. Ҳамасола сафи ҷавонон - хизматчиёни давлатӣ дар мақомоти давлатӣ чи ҳарбӣ ё дигар сохторҳои ҳокимият афзоиш ёфта истодааст. Мо ҷавонон бо боварии комил ваъда медиҳем, ки ин сиёсати хирадмандонаи Пешвои худро сармашқи кори хеш қарор дода, дар ободию зебогардонӣ, болобардории вазъи иқтисодӣ ва ҳифзи амнияти ватани азизамон устувор хоҳем буд.

Дар Паёми навбатии худ 22 декабри соли 2017, ки пур аз навгониҳо буд, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон соли 2018-ро "Соли Саёҳӣ ва рушди ҳунарҳои миллӣ" эълон намуд. Ин барои мо ҷавонони Донишгоҳи технологии Тоҷикистон пайғоми шодӣ буда, дар тайёр кардани кадрҳои баландихтисос дар соҳаҳои гуногуни матоъбофию, кандакорӣ, ки асоси санъатро ташкил мекунад, саҳми арзандаи худро хоҳем гузошт.

Назарсанҷие, ки дар шабакаи интернетӣ гузаронида шуд, баёнгари он аст, ки ҷавонон соли 2017-Соли ҷавононро фаромӯш нахоҳанд кард.

***Изатулло Гирдаков,***
***ассистенти кафедраи фанҳои гуманитарӣ***

# ҶАВОНОН - НЕРӮИ ПЕШБАРАНДАИ КИШВАР

Ҷавононояндасози миллат, сарвати аслӣ ва бебаҳои ҳар як давлату миллат буда,ояндаи неку обод, зиндагии тинҷу осудаҳолона ва оромию осудагии кишвар бевосита ба онҳо вобаста аст. Ҷавонон нерӯи созанда маҳсуб ёфта, такягоҳи боэътимод ва ҷузъи ҷудонопазири муносибатҳои байни ҷомеаи шаҳрвандӣ ва давлат мебошанд. Дар ин замина инкишофи маънавию ҷисмонии ҷавонон ва нерӯи солими онҳо барои давлату миллат омили муҳим аст. Ин ҷиҳатро ба назар гирифта Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон соли 2017-ро Соли ҷавонон эълон намуданд, ки ин бори дигар аз сиёсати хирадмандонаву созандаи Сарвари давлат дарак медиҳад. Саъйу кӯшиши Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба он равона шудааст, ки дар пешрафт ва рушду нумӯи давлату давлатдорӣ ҷавонон нақши босазо дошта бошанд. Аз ин рӯ, ҷавононро лозим аст, ки бо омӯзишу такмили донишу малакаи худ диққати ҳамаҷониба диҳанд, чунки Тоҷикистон ба мутахассисони соҳибтаҳсилоту ташаббускор ниёз дорад, ки мувофиқи талаботи иқтисоди бозорӣ, вусъати рушди иқтисодию иҷтимоии кишварро таъмин намоянд. Ҷавонон идомадеҳиояндаи таъриху фарҳанги қадимаи худ, сарчашмаи ташаббусҳои бузург, манбаи ғояҳои нави эҷодкорӣ бояд бошанд.

Ҷавононе ки воқеан ватани худро дӯст медоранд ва ободиву тараққиёти онро мехоҳанд, бояд бо дастовардҳои илму техникаи муосир, аз таҷрибаи ҷаҳонии пешбурди иқтисодиёт воқиф бошанд ва бо ташаббускории худ ба манфиати халқу ватан кӯшишу талош намоянд. Дар ин робита тарбияи ватандӯстӣ рукни асосии сиёсати давлатии ҷавонон мебошад.

Маъмулан на танҳо Тоҷикистон, балки дар аксарияти кишварҳои олам чӣ дар гузаштаи таърихӣ ва чӣ имрӯз дар сиёсати давлатдорӣ ба масъалаҳои марбут ба ҷавонон аҳамияти махсуси аввалиндараҷа дода мешавад. Дар давраҳои қадим ба ҷавонон ҳамчун нерӯи азими ҷисмонӣ диққат медоданд ва онҳоро аз лиҳози рӯҳиву равонӣ барои амнияти кишвар истифода мекарданд. Ҷавонони аз лиҳози ҷисмонӣ қавиву боирода яке аз захираҳои муҳими ҳар як давлат ва ҷомеа ба шумор мерафт, аммо баъди рушди илму техника ва кашф гардидани яроқу аслиҳаи замонавӣ мувозинат байни нерӯи зеҳнӣ ва ҷисмонии ҷавонон тағйир ёфт. Дар ҷаҳони муосир нисбат ба нерӯи ҷисмонӣ нерӯи ақливу зеҳнии ҷавонон бартарият пайдо намуд ва дарк кардани идеяву назарияҳои нав яке аз омилҳои асосии рушди ҷомеаву давлат гардид, ки аз ин қатор Тоҷикистон низ истисно нест. Давлати мо, яке аз кишварҳои аз лиҳози шумораи аҳолӣ ҷавонтарин дар дунё ба шумор рафта, аксарияти аҳолии онро ҷавонон ташкил медиҳанд ва онҳо нерӯи бузурги ҳаракатдиҳандаи рушди кишваранд. Аз ин рӯ, нерӯи ҷавонон танҳо дар он ҳолат сазовори ифтихору шараф аст, ки агар он сарчашмаи тавлидкунандаи идеяву назарияҳои нави илмӣ, созандагӣ, ободкориву бунёдкорӣ омили суботи ҷомеа ва амнияти давлатӣ бошад.

Муттаҳидӣ, бо азму иродаи матин ҷасур ва соҳиби маърифати баланд будани ҷавонон мавриди ифтихор ва шарафмандӣ буда метавонад.

***Фарзона Одинаева,***
***магистранти ДТТ***

# ҶАМЪБАСТИ СОЛИ ҶАВОНОН ДАР ДОНИШГОҲ

Санаи 28-уми декабри соли 2017 дар Донишгоҳи технологии Тоҷикистон чорабинии ҷамъбастӣ бахшида ба Соли ҷавонон таҳти унвони "Ташаббусҳои ҷавонон - ояндаи дурахшони Тоҷикистон" баргузор гардид. Дар чорабинӣ муовинони ректор, деканони факултетҳо ва дигар кормандону устодон ва донишҷӯён иштирок намуданд. Чорабиниро муовини ректор оид ба инноватсия ва технологияҳои таълимотӣ Юсупов Мирзо Чулиевич ҳусни оғоз бахшида, қайд намуд, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон соли 2017-ро "Соли ҷавонон" эълон намуд ва ин боиси хурсандии тамоми ҷавонони кишвар гардид. Дар ҳақиқат ҷавонон мо имрӯз аз дигар қишрҳои ҷомеа дида фаъолтаранд ва қариб 70 фисади аҳолии мамлакатро ҷавонон ташкил медиҳанд. Фаъолияти ҷавонон имрӯз дар тамоми самтҳо баръало мушоҳида мешавад. Бо боварии том метавон гуфт, ки донишҷӯёни донишгоҳ бо донишу заковати хеш оянда ҳамчун ҷавонони фаъол барои гулгулшукуфоии Тоҷикистони азиз саҳмгузор хоҳанд шуд. Баъдан Фирӯз Табаров - сардори шуъбаи кор бо ҷавонон ва варзиш суханронӣ намуда, қайд намуд, ки ҷавонон давомдиҳандагони ҳадафҳои олии кишвар ва ворисони аҷдодии халқи тамаддунофари миллатанд. То ҷамъбасти Соли ҷавонон рӯзҳои башумор мондааст, вале мо ҷавонон бояд ба ин нигоҳ накарда шабу рӯз дониш омӯзем, заҳмат кашем ва дар оянда мутахассиси замони нав шуда, ба халқу ватани хеш содиқона хизмат намоем, ба боварию эътимоди Пешвои муаззами миллат, ки нисбат ба ҷавонон доранд, бояд содиқ бошем. Аз фурсати муносиб истифода намуда,- гуфт ӯ,- ҳамаи шуморо бо Соли нави мелодии 2018 табрик ва муборакбод менамоям.

Баъдан аз ҷониби муовинони ректор ва деканони факултетҳо маросими супоридани ифтихорнома ва медалу ҷоизаҳо ба ғолибони озмун ва донишҷӯёни фаъоли донишгоҳ сурат гирифт. Дар маҷмӯъ ба 85 нафар донишҷӯёни фаъол ва аъзоёни дастаҳои футболбозон, баскетболбозон ва волейболбозон, ки дар мусобиқаҳои варзишӣ байни факултетҳои донишгоҳ ҷойҳои намоёнро ишғол намуданд, ифтихорнома ва туҳфаҳои хотиравии аз ҷониби раёсати донишгоҳ таъсисдода супорида шуданд. Чорабиниро барномаи фарҳангии омоданамудаи ҷавонон, ки дар сатҳи баланд таҳия шуда буд, ҳусни анҷом бахшид.

***Наргис Гулбекова, мудири шуъбаи тарғиботию фарҳангӣ***

# ДОҲИИ СУЛҲОФАРИН

*Номи некат монда дар таърихи гетӣ ҷовидон,*
*Аз тафохур сар фарозад миллатат бар осмон.*
*Меҳри ту бигрифта маъво дар дили пиру ҷавон,*
*Заҳматат шоистаи сад қиссаву сад достон.*
*Пешвою садри миллат, Доҳии сулҳофарин,*
*Устоди сулҳу ваҳдат дар ҳама рӯи замин.*
*Парчами миллат ба авҷи осмон афроштӣ,*
*Обрӯи давлати худ дар ҷаҳон бардоштӣ.*
*Дар замири қалби мо тухми муҳаббат коштӣ,*
*Бар ватан овардаӣ имрӯз сулҳу оштӣ.*
*Пешвою садри миллат, Доҳии сулҳофарин,*
*Устоди сулҳу ваҳдат дар ҳама рӯи замин.*
*Дар раҳи сулҳофаринӣ синаро кардӣ сипар,*
*Миллати паркандаро бахшидӣ аз нав болу пар.*
*Душманонро дӯст кардӣ, дӯстонро дӯсттар,*
*Бо садоқат гӯямат зебандаӣ бар тоҷу фар*
*Пешвою садри миллат, Доҳии сулҳофарин,*
*Устоди сулҳу ваҳдат дар ҳама рӯи замин.*
*Аз адолат кардаӣ барпой кохе устувор,*
*Дар саховат номи ту монад ба олам ёдгор.*
*Мамлакат аз ҳимматат ҳар лаҳза дар авҷу барор,*
*Ҳар каломатро намоем аз барои худ шиор.*
*Пешвою садри миллат, Доҳии сулҳофарин,*
*Устоди сулҳу ваҳдат дар ҳама рӯи замин.*
*То абад моро ба сар дасти тавонои ту бод,*
*Равшанибахши раҳи мо чашми бинои ту бод.*
*Пурнишоту бозафар имрӯзу фардои ту бод,*
*Аз шароби меҳри мо лабрез минои ту бод.*
*Пешвою садри миллат, Доҳии сулҳофарин,*
*Устоди сулҳу ваҳдат дар ҳама рӯи замин.*

**Нуриддин Амирӣ, устоди донишгоҳ**

# ОЗМУНИ "ХОБГОҲИ БЕҲТАРИНИ ПОЙТАХТ"

Бахшида ба Соли ҷавонон Раёсати кор бо ҷавонон ва варзиши шаҳри Душанбе миёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии пойтахт озмуни умумишаҳрии "Хобгоҳи беҳтарини пойтахт"-ро баргузор намуд, ки дар он хобгоҳи Донишгоҳи технологии Тоҷикистон ҷойи сеюмро ишғол намуд.

Раёсат ва аҳли кормандони донишгоҳ мудири хобгоҳ Оиша Қузибоева ва кормандонашонро, ки саҳмашон дар хобгоҳи мазкур хеле назаррас аст, бо ин пирӯзӣ табрик ва муборакбод намуда, ба онҳо дар фаъолияти минбаъдаашон муваффақиятҳои беназирро таманно доранд.

***Ф.Табаров, сардори шуъбаи кор бо ҷавонон ва варзиш***




# ОЗМУНИ ФАННИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ ДАР ДОНИШГОҲ

Бо мақсади амалӣ гардонидани ҷараёни таълим ва фармоиши Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон озмуни фаннӣ дар донишгоҳ доир гардид. Мақсади озмун дарёфти донишҷӯёни эҷодкор, боистеъдоду навовар, дастгирӣ ва баланд бардоштани мақому манзалати онҳо дар ҷомеа мебошад. Даври аввали озмуни фанни забони тоҷикӣ байни факултетҳо санаи 21 декабр дар кафедраи забони тоҷикӣ баргузор гардид. Дар озмун 29 нафар донишҷӯён аз факултетҳои муҳандисӣ-технологӣ, факултети технология ва дизайн, факултети технологияҳои иттилоотии соҳавӣ, факултети иқтисоди ҷаҳон ва маркетинг, факултети менеҷменти молиявӣ ва инноватсионӣ иштироки фаъолона доштанд.

Шартҳои озмун аз навиштани эссе, услубҳои матнро муайян кардан, ба саволҳо ҷавоб додан, аз рӯйи мазмун пурра кардани ҷумлаҳо, қироати ғазал, шарҳи калимаҳои арабӣ, тарҷумаи калимаҳо бо забони англисӣ ва навиштани ариза иборат буд.

Гарчанде, ки донишҷӯён аз рӯйи шумора нисбат ба солҳои пешин чашмрас набуданд, вале иштироки имсола нишон дод, ки довталабон бо тайёрии пешакӣ ба озмуни фаннӣ ҳозир шуда буданд. Аксари иштирокчиёни озмуни фанни забони тоҷикӣ асосан дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ дар озмунҳои фаннӣ фаъолона иштирок карда, дар озмуни донишгоҳ низ ин меъёр ба назар гирифта шуд.

Ҳайати доварони озмун, ки аз мутахассисони варзида: Ҳамроқулова З., Шарифова Г., Эшонова М. ва Қушбегиева Л. иборат буданд, бо нишондоди 20 холи умумӣ донишҷӯи соли аввали ихтисоси 1-360901-и факултети муҳандисӣ-технологӣ Исматова Дилафрӯзро сазовори ҷойи якум, Минакова Дилшода, донишҷӯи ихтисоси 1-19010105р факултети технология ва дизайн ва Ҷалилзода донишҷӯи ихтисоси 1-40010103т бо гирифтани 18 холӣ ҷойи дуюм, Негматова Сабоҳат донишҷӯи ихтисоси 1-50010102-и факултети технология ва дизайн ва Гулонов Собир, донишҷӯи ихтисоси 1-26020305-и факултети иқтисодиёти ҷаҳон ва маркетингро бо гирифтани 17 холӣ сазовори ҷойи сеюм донистанд.

***М. Эшонова, муаллими калони кафедраи забони тоҷикӣ***

# Натиҷагирӣ аз даври ҷумҳуриявии Озмуни Кумитаи сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти унвони "Тоҷикистон ҷаҳони сайёҳат" байни донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон



**Донишҷӯи курси 4-уми ихтисоси 1-54010104т факултети технология ва дизайн Алимардонов Ш. дар бахши "Бизнес-нақшаҳо" сазовори ҷойи 1-ум дониста шуда, бо "Дипломи дараҷаи якуми Кумитаи сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон" ва планшет сарфароз гардонида шуд.**



**Донишҷӯи курси 3-юми ихтисоси 1-250301 англ. ФМБИ Назарова Т. дар бахши "Бизнес-нақшаҳо" сазовори ҷойи 2-юм дониста шуда, бо "Дипломи дараҷаи дуюми Кумитаи сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон" ва телевизор қадрдонӣ карда шуд.**

**Магистри курси 2-юми ихтисоси М250301 Раҷабов Н. дар бахши "Беҳтарин мақола" сазовори ҷойи 1-ум гардида, бо "Дипломи дараҷаи якуми Кумитаи сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон" ва телефони мобилӣ сарфароз гардонида шуд.**



# ДЕМОКРАТИЯ ЧИСТ?

Айни вақт ҳама калимаи "Демократия"-ро чун даврони пешин чун калимаи "сотсиализм", "коммунизм" истифода менамоянд. Маҳз нобарориҳои ислоҳот боиси ба миён омадани муносибати манфии аксарияти одамон нисбати худи демократия ва ашхоси ба ном демократ гардидааст. Ин навъ баҳогузорӣ аз рӯи эҳсосот аст. Сиёсат бошад, муносибатҳои одилона ва ботамкинро тақозо менамояд.

Таърифи мафҳуми "Демократӣ" дар шаклҳои гуногун омадааст. Аз ҷумла, собиқ президенти Амрико А. Линколн ба демократия ҳамчун "ҳокимияти халқи аз ҷониби халқ интихобшуда ва ба манфиати халқ хизматкунанда" таъриф додааст. Гарчанд тӯли садсолаҳо дар байни олимони ҷаҳон оиди бори аввал дар куҷо пайдо гаштани демократия баҳсҳо чӣ дошта бошанд ҳам, то ҳанӯз таърифи аниқи он вуҷуд надорад.

Нисбатан ҳам, истилоҳи "демократия" бори аввал аз тарафи юнониҳо истифода гардидааст. Ин истилоҳ аз ду калимаи юнонӣ: "demos" - халқ ва" kratos" - ҳокимияти халқ (ҳокимияти мардумӣ)-ро дорад.

"Демократия - ин низоми худидоракунист, ки дар он ҳамаи шаҳрвандон дорои ҳуқуқҳои баробар буда, қарорҳои сиёсӣ аз ҷониби аксарият, вале бо нигоҳ доштани ҳуқуқи ақаллият, қабул мегардад".

Ҳамзамон чунин ақида низ вуҷуд дорад, ки истилоҳи "озодӣ" ва "демократия" ҳаммаъно мебошанд. Аммо ин ақида комилан нодуруст аст. Зеро озодӣ ва демократия дар аксар мавридҳо ҳамчун калимаҳои ҳаммазмун истифода мешаванд.

Дар асл гарчанд демократия маҷмӯи ғояҳо ва принсипҳои роҷеъ ба озодӣ дар бар гирад ҳам, дар баробари ин демократия ба сифати чанаки қонунии тақсимкунандаи озодӣ баромад мекунад.

Яъне ин водор месозад, ки нисбатан ба ҳокимияти озод мардум бояд тибқи муқарраротҳо ва дар доираи муайянкардаи қонун зиндагӣ кунанд. Маҳз барои ҳамин, бо боварии комил демократияро метавон принсипи (меъёри) асосии қонун номид. Зеро муносибати демократӣ ба ҳаёт - ин проблемаи муҳими замон мебошад ва мо бояд давлати демократӣ, дунявӣ ва ҳуқуқӣ бунёд намоем.

Қарнҳои қадим пайравони Арасту дар зери истилоҳи "демократия" эҳсосоти бадбинонаи худро нисбати мардумони оддӣ ифода мекарданд. Дар замони ҳозира бошад, доираи фаҳмиши мафҳуми демократия васеъ гардидааст ва мо онро ҳамчун ифодакунандаи ақидаҳои нисбатан озоди халқҳо нисбат ба ҳаёт мефаҳмем. Таърифи нисбатан соддаи истилоҳи "демократия" ин - тарзи беҳтарини идоракунӣ мебошад, зеро дар он баробарҳуқуқиро аксарияти ҷонибҳо дастгирӣ мекунанд. Пештар дар тамоми мамлакатҳо демократия шаклан вуҷуд надошт. Аз ин рӯ, бисёри ҳизбҳои сиёсӣ мавриди танқиди умум қарор гирифта, ҳамчун зуҳуроти зарарнок ва номатлуб дониста мешуданд. Озодии сухан дар матбуот бошад маҳдуд буд.

Айни вақт баръакси замонҳои гузашта ҷомеаи мо комёбиҳои зиёдеро ба даст овардааст. Мардум метавонад озодона аз дини худ пайравӣ кунанд, дар барпо кардан ва тараққӣ додани давлати худ ба таври воқеӣ иштирок намояд ва ғайра.

Аслан ду намуди демократия мавҷуд аст:
- Демократияи бевосита (мустақим);
- Демократияи бавосита (намояндагӣ).

Демократияи бевосита - намояндагии шахсӣ мебошад, ки тибқи он ҳамаи хоҳишмандон метавонанд дар қабули қарорҳои ҷамъиятӣ иштирок намоянд. Вале чунин низом танҳо дар шароите метавонад вуҷуд дошта бошад, ки шумораи аҳолӣ нисбатан кам бошад. Ҷомеаи имрӯза бошад, бинобар сершумор будан дорои имкониятҳои камтари амалӣ намудани ин навъ демократия мебошад.

Демократияи бевосита бошад, чунин шакли идоракуниест, ки дар он шахсон ба воситаи интихоб ва ваколатдор намудани намояндагони худ дар идоракунии ҷомеа ва давлат иштирок мекунанд. Ин шакли демократия яке аз шаклҳои маъқул ва самаранок буда, он аз шумораи аҳолии шаҳр ва кишвар вобастагӣ надорад. Зеро худи шаҳрвандон ашхоси расмӣ (масалан, депутатҳо)-ро барои қабули қарорҳои сиёсӣ интихоб намуда, тавассути раъйпурсии умумихалқӣ (референдум) қонунҳоро аз нав таҳрир ва барномаҳоро барои беҳтар гардонидани ҳаёти ҷамъиятӣ пешниҳод менамоянд.

Ин ашхоси расмии аз тарафи ҷомеа интихобгаштаро водор месозад, ки ба ёрии халқ умед баста, масъалаҳои мураккаби ҷамъиятиро воқеъбинона, ҳаматарафа ҳал намоянд. Ин шаходати натиҷаи дилхоҳ додани иштироки халқ дар ҳаёти ҷамъиятӣ ва бунёди давлати демократӣ мебошад.

Ҳоло мо дар давраи болоравии мавҷҳои демократӣ қарор дорем, вале ин болоравӣ бе чидду ҷаҳди мо барои расидан ба мақсади хеш ба ноил гаштан ба комёбии ниҳоиро кафолат намедиҳад. Гарчанд саъю кӯшиши мо барои нигаҳдошти озодӣ ва истиқлолияти бадастовардаамон воқеан табиӣ бошад ҳам, вале моро зарур аст амалан демократияро амиқтар биомӯзем.

Дар мавриди нарасидан ва шукронапазир набудан ба ин дастовардҳо мо бояд биандешем, ки оё таърих дар оянда низ барои мо дарҳои чунин озодӣ ва имкониятҳоро боз менамояд, оё мо метавонем онро аз нав ба ҳамин тавр ноил гардем.

Кушода гаштани дарвозаҳои демократия, озодӣ ва имкониятҳо бевосита ба худи мо, ба дилгармии мо нисбат ба ҷомеа ва дастовардҳоямон вобаста аст на ба сангинии ҷавобгарӣ дар назди қонун.

Акси баъзе тасаввуротҳо, ҷамъияти солими демократӣ - ин саҳнае нест, ки дар он ашхоси алоҳида дар баробари дунболагирии ҳадафҳои шахсии худ якҷоя бо дигар одамон масъулияти сохтмони ояндаро, ки дар он арзишоте аз қабили озодӣ ва худидоракунӣ соҳибэҳтиром мебошад, ба дӯш гиранд. Зеро дар як вақт аз паси ду ҳадаф нашояд будан.

Демократияи солим пеш аз ҳама аз пешрафти маданияти демократии шаҳрвандӣ, ки он "тарзи рафтор, амалия ва меъёрҳоеро, ки қобилияти одамонро бар худидоракунӣ муайян менамояд, вобаста мебошад".

Ба одамон майлҳои гуногун ва аксар вақт ба ҳам зид хос мебошанд. Масалан, одамон хоҳони амният буда, ҳамзамон ҳодисаҳои ғаroибро дӯст медоранд, ё ин ки онҳо барои озодии шахсӣ кӯшида, айни вақт баробарии иҷтимоиро хоҳонанд. Барои ҳамин ҳам, ҷомеаи демократӣ дар ин маврид аз дигар ҷамъиятҳо фарқ намекунад. Дарк кардани он, ки ҷомеаи демократӣ аз фишор ва ҳатто зиддиятҳо озод нест, хеле муҳим мебошад.

Ҷавоби оддӣ ба саволи "Демократия чист?" мавҷуд нест. Матлаб ин аст, ки демократия машинае нест, ки худ ба худ дар шароите кор кунад, ки дар он меъёрҳо ва тартибҳои дуруст фароҳам омада бошанд. Зеро, демократия - ин кори вазнин аст, на истироҳати ғайрифаъол ва ё фароғат. Кори вазнин ба манфиати демократия кори хайр мебошад, чунки он бо интихоби оияндаи мо, худшиносӣ, худпешравӣ, ки ба барқароркунии ӯ ба ҳар як аъзои бошуури ҷамъият равона шуда, он аз тарбияи ҳисси масъулияти рӯзмарраи хеш, инчунин дигарон вобаста мебошад. Демократия барои ташаккули сифатҳои аслии инсон, қобилияти орзу кардан ва эҷод кардани ӯ шароит фароҳам оварда, моро барои дарк намудани алоқаҳои мураккаби байни некӯаҳволии фардӣ ва ҷомеа маҷбур месозад.

Бинобар он, ки ҷомеаи демократиро халқ бунёд ва инкишоф медиҳад, пас халқро зарур аст, ки низоми мазкурро роҳбарӣ, фикру ақидаи худро пешниҳод ва рафти ҷараёни онро назорат намояд.

Дар мавриде, ки ҳар як кишвар метавонад ба мушкилоти сиёсӣ, иқтисодӣ, ҳарбӣ ва байналхалқӣ рӯ ба рӯ гардад, метавон ба хулоса омад, ки агар низоми сиёсии демократӣ хоҳад, ки боқӣ монад, он бояд ба мушкилотҳо тавонад муқовимат намуда, муқобили онҳо истодагарӣ намояд.

Одамон танҳо дар он вақт ба афкори демократӣ, эътиқод ба ғояҳо ва тартиби демократӣ рӯ меоранд, ки онҳо тавонанд қисми ҷудонашавандаи маданияти сиёсии мамлакат гарданд.

Дар асоси ин гуфтаҳо мо ба хулосае меоем, ки худи демократия ҳеҷ чизро кафолат надода, он танҳо имконияти ба даст овардани муваффақиятро пешниҳод менамояд, ё баръакс метавонад онро барбод диҳад. Дурнамои асосии демократия ин ҳаёт, озодӣ ва ҷидду ҷаҳд ба хушбахтист.

Ҳамин тавр, демократия ваъда ва даъватро дар бар мегирад. Ваъда он чиро фаро мегирад, ки одамони озод чунин тарзи идораро интихоб менамоянд, ки он барои қонеъ намудани кӯшишҳои онҳо барои ба даст овардани озодии шахсӣ, имкониятҳои иқтисодӣ хизмат намоянд. Инчунин муваффақияти демократӣ бар дӯши худи шаҳрвандон мебошад, зеро халқро ба востаи худи намояндагони халқ идора намуда, шаҳрвандони ҷомеаи демократӣ мушкилии бадастовардани неъматҳоро аз сар мегузаронанд. Ҳар як насл вазифаи худидоракуниро ба ухдаи хеш гирифта, кӯшиш мекунад, ки музаффариятҳои ба даст овардаи худро дар соҳаи озодии шахсӣ, ҳуқуқҳои инсон ва ҳимояи одилонаи қонунро барои наслҳои оянда низ нигоҳ дошта, бунёди демократияро такмил диҳад.

Шаҳрвандони ҷомеаи демократӣ бояд масъулияти тақдири ҷамъиятро ба дӯши худ гиранд. Онҳо наметавонанд ҳеҷ касро дар нокомии худ гунаҳкор ҳисобанд.

Танҳо бо ҳамин тарз мо метавонем соҳиби давлати арзанда гардем.

***Ф.Сабзалиев, муаллими калони кафедраи фанҳои гуманитарӣ, Д. Саидмуродов, н.и.т., устоди ҳамин кафедра.***

---

# ИҶРОИ ҚОНУНҲО - КАФОЛАТИ СИФАТИ ТАЪЛИМУ ТАРБИЯ

Бахши кор бо занон ва духтарони Донишгоҳи технологии Тоҷикистон бо мақсади татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд", "Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон", Қарори мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03.07.2007 №14/2 дар бораи тасдиқи "Дастурамали либосҳои тавсиявии хонандагон ва донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ ", дастури Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати пурзӯр намудани корҳои фаҳмондадиҳӣ байни устодон, омӯзгорон ва донишҷӯёни донишгоҳ тадбирҳои мушаххас андешида истодааст. Аз ҷумла дар ҳамаи факултетҳо ва хобгоҳи донишгоҳ вохӯрӣ бо занон ва духтаронро оид ба амалӣ гардонидани қонуну дастурҳои зикргардида, ки ба боз ҳам беҳтар шудани сифати таълиму тарбия, худшиносию худогоҳии миллӣ ва боло рафтани фарҳанги миллиамон мусоидат менамояд, доир намуд

Мудири бахши кор бо занон ва духтарони донишгоҳ Хубони Сорбон дар якҷоягӣ бо масъулини кор бо занон ва духтарони факултетҳо шарҳу тавзеҳи қонуну дастурҳои зикргардида, бахусус ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" ва Қарори мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи тасдиқи "Дастурамали либосҳои тавсиявии хонандагон ва донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ"-ро бо овардани иқтибосҳо, аз ҷумла:

"Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ уҳдадоранд, рукнҳои фарҳанги миллӣ, аз ҷумла забони давлатӣ ва либосҳои миллиро ҳифз намоянд"

***(Моддаи 14. ҚҶТ аз 28.08.2017, №1461)*** ё худ

"Барои риоя накардани уҳдадориҳое, ки дар Оинномаи муассисаи таълимӣ ва Қоидаҳои тартиботи дохилӣ пешбинӣ гардидаанд, донишҷӯ метавонад ба танбеҳи интизомӣ ва инчунин аз муассисаи олии таълимӣ хориҷ карда шавад".

***(Моддаи 20 Қонуни ҶТ "Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ").***

### Ӯҳдадориҳои падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд

• риоя намудани либосҳои мактаб ва донишгоҳро аз ҷониби фарзанд дар ҳамаи зинаҳои тасилот таъмин намуда, аз ҷониби онҳо пӯшидани либосҳоро дар доираи этикет назорат намоянд;

• истифодаи ҷавоҳирот, зару зевар, дигар ашёҳои қиматбаҳо ва холкӯбиро барои фарзандони мактабхон ва донишҷӯйи худ манъ намоянд;

• аз ҷониби фарзандон таҳқир ва беэҳтиромӣ намуданро нисбат ба омӯзгорон, кормандони муассисаҳо пешгирӣ намоянд.

• ба фарзандони то ҳафтсола ва фарзандоне, ки дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, ибтидоии касбӣ, миёнаи касбӣ (сарфи назар аз шакли ташкилию ҳуқуқиашон) таҳсил мекунанд, бо худ гирифтан ва истифодаи телефонҳои мобилиро манъ намоянд;

• ба фарзандоне, ки дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ (сарфи назар аз шакли ташкилию ҳуқуқиашон) таҳсил менамоянд, дар ҷараёни таълим истифодаи телефонҳои мобилиро манъ намоянд;

• аз ҷониби фарзанд ҷойгир ва пахн намудани ахбори ғайриахлоқиро тавассути телефони мобилӣ ва воситаҳои электронӣ пешгирӣ ва манъ намоянд;

• дар ҳолати иҷро накардан ё ба тариқи дахлдор иҷро накардани уҳдадориҳое, ки дар Қонуни мазкур ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудаанд, падару модар тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

***(Боби 2. Моддаи 7. Уҳдадориҳои падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд; Боби 4. Моддаи 12. Ҷавобгарии падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд)***, таваҷҷӯҳи иштирокчиёни вохӯриҳоро ҷалб карда, таъкид намуд, ки риояи онро дар байни сохторҳои донишгоҳ дар сатҳи зарурӣ ба роҳ монанд.

***З. Юсуфова, муовини ректор оид ба тарбия***

---

**Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд" дар амал**

# ТАЪЛИМ ВА ТАРБИЯИ ФАРЗАНД

***Мафҳуми тарбия дар фарҳанги забони тоҷикӣ ба маънои адаб, ақл, шуурнокӣ, рафтор, кирдор, гуфтор, омӯзиш, парвариш, таълим, ахлоқ омадааст. Умуман тарбия калимаест, ки дар таркибаш тамоми ҳастии маънавиёту фарҳанг ҷой шудааст.***

Тарбия - ин раванди мақсаддори таъсиррасонӣ ба инкишоф, муносибат, хислат, сифат, ақида, эътиқод ва тарзи рафтори шахсият дар ҷомеа мебошад.

Дар давраи ҳозираи фаъолияти муасисаҳо, техникум ва донишкадаю донишгоҳҳо корҳои тарбиявӣ ба иҷрои вазифаҳои аввалиндараҷа дар раванди иҷрои дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, татбиқи ҳуҷҷатҳои меъёрӣ, алалхусус "Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон", Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи масъулияти падару модар дар таълим ва тарбияи фарзанд", Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон", дастур ва тавсияҳои Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷодаи тарбия намудани мутахассисони замони нав барои хоҷагии халқи кишвар тибқи технологияи кредитӣ, равона шуда буд.

Таҳти назорати қатъӣ гирифтани иҷрои барномаи ягонаи тарбиявӣ зимни гузаронидани корҳои тарбиявие, ки аз ҷониби омӯзгорон, кафедраҳо, шуъбаҳо ва дигар сохторҳо гузаронида мешаванд, иҷрои барномаи ягонаи тарбиявӣ барои гузаронидани корҳои тарбиявӣ, ки аз ҷониби омӯзгорон гузаронида мешавад, таҳти назорати қатъӣ қарор доранд. Ҳар ҳафта аз рӯи ҷадвали дарсӣ машғулияти кураторӣ дар гурӯҳҳои академӣ гузаронида мешавад. Ҳар як факултети донишгоҳ дастуру супоришҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, алалхусус дастуру ҳидоятҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, барномаҳои таҳия ва тасдиқшударо дар фаъолияти корӣ худ амалан татбиқ намуда, ҳамкориро бо мақомотҳои даҳлдор дар сатҳи зарурӣ ба роҳ мемонанд.

***Қ. Ашӯров, мутахассиси шуъбаи тарбия***

# ЗАБОНИ ДАВЛАТӢ ВА СИФАТИ ҲИСОБДОРӢ

**Аз нигоҳи мутахассис**

Мо 26-солагиии Истиқлолият ва рӯзи қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи забони давлатӣ"-ро ҷашн гирифтем, "Фарҳанги имлои забони тоҷикӣ" ҳам аз ҷониби Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати ҷумҳурӣ таҳия гардида, соли 2013 аз чоп баромад. Фикр мекунам, ки Фарҳанги имлои забони тоҷикӣ бояд китоби рӯимизии ҳар як шаҳрванди Тоҷикистон, роҳбарону мутахассисон, олимону донишҷӯён бошад.

Бояд иқрор шуд, ки новобаста аз музаффариятҳояш дар замони шуравӣ тарҷумаҳои таҳтуллафзӣ аз забони русӣ ба тоҷикӣ бештар арзи вуҷуд доштанд. Забони модариамон коста шуда буд ва пӯшида нест, ки бештар забони русиро омӯхта, забони тоҷикиро қариб фаромӯш карда будем. Акнун сиёсати забони давлатӣ дар даврони истиқлолият бояд дар тамоми соҳаҳои иқтисодӣ, сиёсӣ ва иҷтимоӣ амалӣ гардида, рушд ёбад. Таъмини рушду равнақи забон, санъати сухангӯӣ аз тарбияи оилавӣ, боғчаи кӯдакон, мактаби миёна оғоз меёбад. Чи тавре, ки Зафар Сайидзода дар мақолаи "Чӣ гуна бояд забон биомӯзем?" (Ганҷи забон №2(17) аз 15.03.2017) оқилона навиштаанд: "…дар мактаби миёна, ба ҷойи гуфтори адабиро ёд додан, илми забоншиносиро меомӯзонанд ва ин усули таълим боис мегардад, ки хонандагон на забонро ёд мегиранд ва на илми мураккаберо чун забоншиносӣ аз бар менамоянд". Чунин ҳолат ҳақиқати кор аст ва бояд барномаҳои нави таълим дар мактабҳои миёна таҳия карда шаванд, то ин норасогӣ ислоҳ карда шавад. Чаласаводӣ аз мактаби миёна сар мешавад ва ба мактаби олӣ мегузарад. Пас дониши аксарияти хатмкунандагони донишкадаю донишгоҳҳо ба ҳарду по мелангад. Таҳлили ин ҳолат далелнок исбот мекунад, ки тамоили ҳавас ё "кайфияти" китобхонӣ рӯ ба таназзул рафта истодааст. Ман мушоҳида гузаронидам ва савол гузоштам, ки чаро китоб намехонед? Дар ҷавоб: "Вақте ки ба ҳамаи саволҳо аз интернет-сайтҳо дастрас мешаванд, ба хондани китоб ҳоҷат нест" - шунида шуд. Мутолиакунии маводи таълимӣ аз байн рафта истодааст ва дар ин ҳолат чӣ гуна дар бораи сифати таълими касбӣ сухан меравад? Солҳои 60-уми асри гузашта дар китобхонаҳо ҷойи нишаст набуд, ҳоло қариб холӣ. Сатҳи саводнокӣ баланд буд, чунки дурнамои давлат оид ба таъмини саводнокӣ тамоми қишрҳои ҷомеаро фаро гирифта буд. Ба хотири нек ёдовар мешавам, ки дар мактаби миёна устодони варзида Қутбӣ Киром, Субҳон Туйғун мавзӯи иншоро эълон карда ҳамчун вазифаи хонагӣ месупориданд ва баъд аз мутолиа намудани камбудию норасоиҳо бо ҳар як талаба иншоро бори дигар мехонданд ва ғалатро навишта мегирифтем. Дар ҳаёт бисёр "академикҳои халқӣ"-ро мешиносам, ки дар ягон донишгоҳ маълумот нагирифтаанд, вале аз ҷиҳати каломи бадеӣ чӣ тавре, ки мегӯянд "устухон надоранд". Аз куҷо сухандониву суханвариро омӯхтаанд? Фасли тирамоҳу зимистон дар маҳфилҳое, ки дар меҳмонхонаҳои диёр барпо мегаштанд, мударрис китоб мехонданд, дигарон такрор мекарданд. Ба маврид ва бо ҳусну лутф сухангӯиро машқ мекарданд. Вақте пурсидам, ки ин сухани кист, кадом шоир ё нависанда? Дар ҷавоб мегуфтанд: аз машоих аст.

Масалан, шахсе солхӯрда бо кайфияти баланд дидорбинии банда омад, падарам нисбати он шахс шеър гуфтанд:

*Аз ин беҳуда гаштанҳо*
*қаландар мешудам, беҳ буд,*
*Сутуни хонақоҳу занҷири*
*дар мешудам, беҳ буд.*

Пурсидам, маънидод карданд ва гуфтанд, ки ин суханро машоих гуфтааст.

Нашрияи "Минбари халқ" якчанд мақолаеро, оид ба ҷой доштани ғалатпораҳои забон, риоя накардани меъёри мафҳумҳо, вожаҳо аз чоп баровард, вале амалан дар бисёр соҳаи илм нисбати муқаддас донистану гиромӣ доштани забони модариамон то ба ҳол беаҳамиятию беназокатӣ (бо ибораи Абдулмаҷиди Бобоҷониён "Кӯшиш ё кушиш?" Ганҷи забон №7, 15.02.2017) ҷой дорад. Кор ба он дараҷа расидааст, ки касе чизе медонад ҳамонро менависад, баъзе истилоҳот мазмунан хато истифода бурда мешаванд, ягон ҷавобгарӣ аз ҷониби муаллифон ҳис карда намешавад ва дар воситаҳои ахбор ин масъала ҷиддӣ ва натиҷабахш муҳокима карда намешаванд. Татбиқи қонунҳои забон барои ҳамаи корхонаю ташкилотҳо, макотиби олию миёна ҳатмист. Имрӯзҳо бояд забони шево ва пурмуҳтавои тоҷикии форсӣ барқарор гардида нашъунамо ёбад, лекин ин маънои худсарона "забонсозӣ"-ро надорад. Ҳар як мафҳум ё вожаро бамавриду вобаста ба объекташ истифода барем хуб фаҳмо мешавад. Ба хотирам меояд, ки солҳои 1991 дар вақти муҳокимаи қонуни забон, забоншиносон ҳаракат ба он карданд, ки ҳамаи мафҳумҳо ва вожаҳои аз забонҳои хориҷӣ омадаро тарҷума кунанд. Масалан, комендант - хонасомон, аудитория - синфхона ё дарсхона, лаборант - дастёр, клуб - бошишгоҳ ва ғ. Баъдан маълум шуд, ки чунин сиёсат хато баромад ва забони тоҷикиро дар сатҳи кунуниаш хароб кард. Ҳоло ин норасогиҳо ислоҳ шуда истодаанд. Ба фикрам, агар вожаҳо аз забонҳои хориҷӣ пайдо шудаанду муродифи оммафаҳми онҳо ба забони тоҷикӣ вуҷуд надорад, ба тарҷумаи таҳтуллафзӣ ягон зарурият нест. Барои мисол, вожаи "калькуляция" (лот. calculatio) маънои ҳисоб карданро дорад, лекин "калькулятор"-ро то ба ҳол ҳеҷ ягон истифодабаранда "ҳисобкор" гуфта истифода намебарад.

Ташкилу идоракунии фаъолияти истеҳсолию тиҷоратии корхона бевосита аз сифати иттилооти муҳосибӣ вобастагӣ дорад. Худи баҳисобгирии муҳосибӣ, ки зиёда аз 80 дарсади иттилооти иқтисодиро таъмин менамояд, ҳамчун низоми (системаи) васеи иттилоотии идоракунӣ мебошад. Афсӯс, ки дар асри 21-ум ҳоло ҳам муносибати баъзе аз роҳбарон нисбат ба касби муҳосиб, мавқеъ ва мароми ӯ дар низоми таъмини самаранокии идоракунии корхона хуб нест. Бубинед, ки дар миёнаи асри бистум яке аз намояндагони назарияи муҳосиботи итолиёвӣ Винчетто Ҷитти аҳамияти ҳисобдориро бо як ҳиссиёти баланд чунин тасвир кардааст: **"Ҳисобдорӣ - оинаи гузашта, ҳидоятгари оянда, низом дар ҳамаи соҳаҳои хоҷагӣ, омор ва таърихи корхона аст".**

Муҳосиб ба фаъолияти соҳибкории корхона бо чашмони роҳбар нигоҳ мекунад, кори менеҷерон ҳам аз сифати маълумоти баҳисобгирӣ вобаста аст.

Бояд тазаккур дод, ки дар амалӣ гардонидани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи забони давлатӣ" дар фаъолияти илмию амалии муҳосибону аудиторон камбудиҳои зиёде вуҷуд доранд ва баъзе аз онҳо дар мақолаи н.и.и. Ҳомидов М.Т. "Забони давлатӣ ва фаъолияти илмию амалии муҳосиботӣ" (Ганҷи забон, №1 (16) аз 9.02.2017) ба табъи хонандагон расид. Муаллиф ниҳоят масъалаи ҳалталаби баҳисобгирии муҳосибиро ба муҳокимаи умум гузошта, камбудиҳои зиёдеро номбар карда, ба хулосаи дуруст омадааст, ки "... дар ин соҳа, мулоимтар карда гӯем, бесарӣ (бесарусомонӣ - М.Ш.) ҳукмфармо буда, яке аз монеаҳои пешравӣ гаштааст". Нодуруст истифода бурдани калимаҳо ва мафҳумҳо дар соҳаи баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит дар тамоми китобҳои дарсию маводҳои таълимӣ вуҷуд доранд, вале саволе ба миён меояд: барои риоя накардани талаботи Қонуни ҶТ "Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон" кӣ ҷавобгар аст? Фақат муаллиф (ё муаллифон)? Дигар сохторҳои макотиби олӣ (кафедра, шӯрои илмӣ-методӣ), вазорат, муқарризони дохилию беруна чӣ?

Калимасозию "истилоҳофаринӣ" ба илму таҷрибаи ҳисобдорӣ фақат зарар мерасонад. Ҳар як мафҳуми ҳисобдорию (таҷриба) муҳосибиро (илм) фаҳмида гӯем, он хубтару фаҳмотар мешавад, нисбат ба он ки онро таҳтуллафз тарҷума кунем ва бад-ин роҳ ба сохтакорӣ роҳ диҳем. Метавонистам садҳо далелҳоро аз китобҳо ва мақолаҳои илмӣ оид ба нодуруст истифода бурдани вожаю мафҳумҳои илмӣ ба тариқи мисол оварам, вале бо ин, мақола тавсифи тақризӣ мегирад.

Ҳоло амалан диққатро ба вожаю ибораҳои соҳаи баҳисобгирии муҳосибӣ ҷалб менамоем. Дар луғатҳо вожаҳои платежеспособность (solvency) - пардохтпазирӣ, пардохткунӣ, қобилияти адокунии қарз, қарзадокунӣ омадааст. Дар "Фарҳанги имлои забони тоҷикӣ" решаи калимаи мазкур ҳамчун "пардохт" оварда шудааст. Дар луғати тафсирии сезабонаи "Стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ" (муаллифаш М.Шобеков), ки нашри онро Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Академияи ҶТ тавсия ва тасдиқ намудааст, ин мафҳум ҳамчун "пардохтпазирӣ" ё "пардохттавонӣ" қабул гардид. Пас чаро муаллифон худсарона "истилоҳсозӣ" мекунанд?

Дар конференсияҳои илмию амалии донишгоҳҳо оид ба беҳтар намудани забони ҳисобдорию таҳлил ва бамаврид истифода бурдани мафҳумҳои иқтисодӣ банда борҳо арзи ақида намудаам. Афсӯс, ки кор ба он дараҷае расидааст, ки вожаи **"бухгалтер"**-ро бо ҳарфи "ғ" ифода кардаанд, яъне **"буғалтер"**. Дар панҷоҳу як соли фаъолияти касбиам ҳисобдориро (ба забони англисӣ "Book keeping" - счетоводство) аз баҳисобгирии муҳосибӣ (ба забони англисӣ "Accounting" ) ҳамеша фарқ карда метавонистам, чунки ҳисобдорӣ фақат қисми амалии низоми ягонаи баҳисобгирии муҳосибӣ фаҳмида мешавад. Аз нигоҳи илмӣ ҳисобдор ҳоло муҳосиб нест, чунки вай амалиёти хоҷагиро бо тарзи навишти дутарафа ифода карда наметавонад. Ин ду мафҳумро агар мутахассисони соҳаи забоншиносӣ як хел фаҳманд, хатои маҳз мекунанд. Дар тамоми мамолики шарқ бухгалтерро муҳосиб меноманд. Илми муҳосибот илми ҳисоб аст, дар он мафҳуми **"ликвидность"** хело гуворо (бозоргирӣ) тасдиқ шудааст, чаро дигарон онро **ликвиднокӣ**, **ликвиднокии баланс**, **ликвиднокии активҳо** мегӯянд?

Солҳои охир ибораи русии "состав основных средств" бо тарҷумаи тоҷикии "ҳайати воситаҳои асосӣ" ё вожаи "таркиби хароҷот" бо "ҳайати хароҷот" омадааст, ки дар забони мардум роиҷ нест. Мо вожаи "ҳайат"-ро ба шахс тааллуқдошта мефаҳмидем: ҳайати донишҷӯён, ҳайати кормандон, ҳайати ҷаласа ва ғ. Мафҳумҳои издержки - cost, расходы - expenses, затраты - cost ба як маъно - "хароҷот" маънидод карда мешаванд, ки аз нигоҳи илмӣ ва стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ тамоман хатост. Боз як мисол: вожаи истилоҳии **"бюджетирование"** - буҷакунонӣ, будҷеткунонӣ, бабуҷагирӣ тарҷума шудаанд. Дар ҳақиқат хандаовар аст, ки дар китобҳои дарсии мактабҳои олӣ **"средства анализа"**-ро "олотҳои таҳлилӣ" тарҷума ва қабул кардаанд. Агар мо ба ҷойи вожаи "олот" (асбобу анҷом) "воситаҳои таҳлилӣ" гӯем, тоҷикӣ мешавад.

Дар санадҳои меъёрӣ, дастурҳои таълимию китобҳои дарсӣ ва қариб дар ҳама ҷо мафҳуми **"қарздории дебиторӣ"** бо ибораи **"қарзи дебиторӣ"** ифода меёбад. Маълум аст, ки то қарз нагирем, қарздор намешавем. Лекин ин ду мафҳумро мантиқан як маъно фаҳмидан хато мешавад.

Дар қабули нишондиҳандаҳои иқтисодӣ ба забони давлатӣ бесарусомониҳо дида мешавад. Масалан, аз таърихи ҳисобдорию муҳосибот маълум аст, ки ду низоми баҳисобгирӣ вуҷуд дорад:

1) низоми навишти одӣ, яъне яктарафа: дар тарафи чапи ҳисоб **дахл (приход)** навишта мешавад, дар тарафи росташ - **харҷ (расход)**.

Ин тарзи кӯҳанро баҳисобгирии дахлу харҷ меноманд. Носири Хусрави Қубодиёнӣ зарурияти назоратро аз болои дахлу харҷ, ки аз тадбири манзил то ба давлатдорӣ мерасад, ин тавр баён кардаанд:

*Ба харҷу дахли худ ҳар дам*
*назар кун,*
*Чу дахлат нест харҷ*
*оҳистатар кун.*

2) Низоми навишти дутарафа (double entry) унсури муҳимтарини методи ҳисобгирии муҳосибӣ буда, онро ҳамчун яке аз қонунҳои илми ҳисобгирии муҳосибӣ ва принсипи умумии ҳисобдории байналмилалӣ эътироф кардан зарур аст. Аз он, ки ба навишти дутарафа "сабти дугона" (пешниҳоди М. Ҳомидов) ном мегузорем, илмамон бурд намекунад. Муҳим он аст, ки моҳияти иттилоотии тарафи чапи ҳисоб **(дебет)** ва тарафи рости ҳисобро **(кредит)** тасвир карда тавонем ва ин як тавсифи нозуки касби муҳосибонро нишон медиҳад. Чаро иқтисоддонҳо расо бисёранду бозор фақат сармуҳосибонро талаб дорад? Тамоми низоми идоракунӣ бештар ба иттилооти ҳисобгирии муҳосибӣ такя мекунад. Ба гуфтаи дорандаи Ҷоизаи Нобелӣ Пол А. Самуэлсон "асри мо - ин асри мошин аст. Вале он ҳамчунин **асри ҳисобдорӣ аст**". Муҳосиби ҳозиразамон бояд ба маънои ҳар як мафҳуми байналмилалии ҳисоботи молиявӣ сарфаҳм равад, барои натиҷаовар шудани бизнес таъсири амалиётро ба ҳолати молиявӣ ва натиҷаҳои молиявӣ ба таври фаврӣ назорат ва таҳлил карда тавонад. Ҳоло дар ширкатҳое, ки ҷараёни ҳисобдорӣ мувофиқи барнома пурра автоматизатсия кунонида шудааст, вазифаҳои техникии муҳосибон иҷро мекардаро компютер амалӣ мекунад. Пас таҳлили ҳисоботи молиявӣ дар мадди аввал меистад.

Фақат аз луғати тафсирии стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ (с.2010) номгӯи якчанд мафҳумҳои ба забони тоҷикӣ баҳсталабро (ниг. ба ҷадв.1) меорем, то хонанда тақозо кунад, ки тарҷумаи мазмуни онҳо душвор аст ва баъзе мафҳумҳоро (ба монанди **капитализация, фондирование, элиминирование, актуарный, гудвилл, идентификация, хеджирование** ва амсоли инҳо) ба забони давлатӣ гуфтан намешавад, бинобар он дар амал ҳар хел қабул кардаанд. Муҳимаш он аст, ки чунин мафҳумҳоро тафсири маъноӣ намоем.

Ҷадвали 1.

**Баъзе мафҳумҳои баҳсталаби ҳисобдорӣ ба забони тоҷикӣ**

| Англисӣ | Русӣ | Тоҷикӣ | Объектҳои истифодабарӣ |
|---|---|---|---|
| Expenditures Expenses Costs | Издержки Расходы Затраты, себестоимость, стоимость | Масраф Сарф Хароҷот Арзиши аслӣ Арзиш | Нишондиҳандаҳои макро- ва микроиқтисодӣ |
| Amortization | Амортизация нематериаль- ных активов | Истеҳлоки дороиҳои ғайримоддӣ | Дороиҳои ғайримоддӣ ба монанди гудвилл (ризомандӣ) |
| Depreciation | Амортизация материальных активов | Фарсудашавӣ, беқурбшавӣ, кӯҳнашавии дороиҳои моддӣ | Воситаҳои асосӣ |
| Stock Exchange | Фондовый рынок | Биржаи қоғазҳои қиматнок | Бозори воситаҳои молиявӣ |
| Discounting | Дисконтирова-ние | Тахфиф кардан | Даромад аз қоғазҳои қиматнок |
| Financial Instrument | Финансовый инструмент | Воситаҳои молиявӣ | Воситаҳои пулӣ ё молиявӣ, уҳдадориҳо, қоғазҳои қиматнок |
| Plan assets (of an employee benefit plan) | Активы плана (план вознагражде-ний работникам) | Дороиҳои нақша (нақшаи подоши кормандон) | Дороиҳои фонди нафақа |
| Actuarial gains and losses | Актуарные прибыль и убытки | Фоида ва зарари актуарӣ (оморӣ) | Афзоиши самараи иқтисодӣ на аз фаъолияти асосӣ |
| Income | Доход | Даромад | Афзуншавии манфиатҳои иқтисодӣ ба шакли пулӣ ё зиёдшавии дороиҳо |
| Gains | Доходы (прибыли) | Даромадҳо (фоидаҳо) | Даромад аз фаъолияти ғайриасосӣ |
| Cost of conversion | Затраты на обработку | Хароҷоти коркард | Арзиши аслии маҳсулот |
| Borrowing costs | Затраты по займам | Хароҷоти қарзӣ | Воситаҳои қарзӣ |
| Hedging Instrument | Инструмент хеджирования | Воситаи хеҷерӣ | Воситаҳои молиявӣ, суғуртаи нархҳо ва фоида |
| Capital | Капитал | Сармоя | Консепсияи молиявии сармоя |
| Equity | Капитал | Сармоя | Тавозуни муҳосибӣ |
| Capitalization | Капитализация | Ба сармоя табдил додан | Дороиҳо Хароҷот |
| Qualifying asset | Квалифици-руемый актив | Муайян кардани дороӣ | Дороиҳо |
| Cost plus method | Метод «затраты плюс» | Усули «хароҷот ҷамъӣ» | Молҳо |
| FIFO method | Метод ФИФО | Усули ФИФО (воридоти якум – фуруши якум) | ЗММ (захираҳои молӣ-моддӣ) |
| Accrual bases of accounting | Метод начисления | Усули ҳисобу замкунӣ | Эътирофи даромад ва хароҷот |
| Non cancelable lease | Неаннулируе мая аренда | Иҷораи лағв (бекор) накарда | Воситаҳои асосӣ |
| Going concern | Непрерывность деятельности | Фаъолияти давомнок | Корхона, муассиса |
| Prudence | Осмотритель ность | Эҳтиёткорӣ | Ҳисоботи молиявӣ (тавозун) |
| Deferred tax assets | Отложенные налоговые требования | Талабномаи андози мавқуфгузошта (ба дигар муҳлат гузаронида) | Тавозуни муҳосибӣ |

# ЗАБОНИ ДАВЛАТӢ ВА СИФАТИ ҲИСОБДОРӢ

*(Аввалаш дар саҳ. 6)*

Мафҳуми "истеҳлок" вобаста ба объекти истифодабариаш дар забони англисӣ ду маъно дорад: фарсудашавии дороиҳои моддӣ - depreciation, истеҳлоки дороиҳои ғайримоддӣ - amortization. Мафҳуми даромад се тараф дорад: 1) даромад ба шакли воситаҳои пулӣ ё афзоиши дороиҳо ё маҳдудгардии уҳдадориҳо, яъне даромади умумӣ (income); 2) даромади амалиётӣ (revenue), яъне даромади фурӯш (sales revenue); 3) даромадҳо (gains), яъне зиёдшавии манфиатҳои иқтисодие, ки аз фаъолияти асосӣ бармеоянд.

Истилоҳи **"капитализация"** дар ҳамон ҳолат истифода мешавад, ки агар ягон намуди хароҷот ҳамчун қисми арзиши дороиҳо эътироф карда шавад. Ингуна хусусияти фарққунанда ва мавқеи истифодабарии истилоҳҳо бисёранд **(Ҷадвали 1).**

Мафҳумҳои истилоҳҳои овардашуда ба талаботи бизнес, самаранок идоракунии корхона ҷавобгӯ мебошанд. Тамоми барномаҳои компютерии муосир ба навишти дутарафа асос ёфта, ҳамчун мол харидру фурӯш мешаванд.

Ҳамаи паҳлуҳои амалӣ гардонидани Қонуни ҶТ "Дар бораи забони давлатӣ"-ро дар соҳаи ҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит дар як мақола ҷой додан имкон надорад. Баҳси асоснок қабул кардани мафҳумҳои калидӣ ниҳоят доманадор мешавад. Аз ин лиҳоз, ба баҳси илмӣ алҳол хотима гузошта рӯи мақсад меоем. Чӣ бояд кард, ки вожаю мафҳумҳои ҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит бамаъно, оммафаҳм, бе саҳланкорӣ ва ба талаботи стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ ҷавоб дода тавонад?

1. Масъулияти Шӯроҳои илмӣ-методии донишкадаю донишгоҳҳо, пажӯҳишгоҳҳои илмӣ-тадқиқотӣ оид ба таҳияи луғатҳои соҳавӣ баланд бардошта шавад. Луғатҳои соҳавиро бояд соҳибкасбони унвондошта бо мутахассисони забоншиносӣ тартиб дода ба муҳокимаи умум пешниҳод намоянд.

2. Мувофиқи талаботи санадҳои меъёрӣ луғат ё луғати тафсирӣ ҳатман аз ҷониби Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардида, ба чоп тавсия шавад.

Қобили зикр аст, ки мутарҷимони хуб ва забондон дорем (забонҳои форсӣ, арабӣ ва англисиро медонанд), бо кӯмаки онҳо ва иштироки бевоситаи олимони соҳаи илми муҳосибӣ тавонем аз осори пурбаҳои ниёгонамон, аз забони мардумӣ ва ҳамзабононамон истифода намуда, фарҳанги ҳисобдории (муҳосибии) асоснoктар таҳия намоем.

3. Ба қарибӣ дар назди Институти ҷамъиятии бухгалтерон ва аудиторони касбии ҶТ бо иштироки Раёсати равишомӯзии баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудити Вазорати молияи ҶТ, кафедраҳои баҳисобгирии муҳосибӣ, аудит, таҳлили иқтисодии донишкадаю донишгоҳҳо ва сардори шуъбаи танзими истилоҳоти Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати ҶТ як конфронси илмӣ-амалӣ барпо хоҳем кард, ки дар асоси он Комиссияи корӣ оид ба таҳияи фарҳанги муҳосибӣ шурӯъ хоҳад кард.

4. Дар вақти таҳияи луғат ҳатман аз нигоҳи талаботи стандартҳои байналмилалӣ бояд амал кард, консепсия ва принсипҳои ҳисобгирии молиявиро риоя кардан зарур аст. Дар Донишгоҳи технологии Тоҷикистон мо таҷрибаи кофӣ пайдо кардем: аввал барномаи фанни Ҳисобгирии молиявӣ (с.2009), луғати тафсирии СБҲМ (с.2010) ва пас китоби дарсии Ҳисобгирии молиявиро (с.2014) аз чоп баровардем. Луғати тафсириро бо дарназардошти тағйироту иловаҳо Вазорати молияи ҶТ аз чоп баровард.

5. Дар давраи Шӯравӣ сифати ташкили ҳисобгирии муҳосибӣ ва возеҳию саҳеҳии иттилооти молиявиро ҳатто назорати халқӣ ҷиддӣ тафтиш мекард ва моро ба чунин чорабиниҳои тафтишӣ ҷалб мекарданд. Ногуфта намонад, ки ҳуҷҷатҳои аввала, тарзи бурдани ҳисобҳо ва тартиб додани ҳисоботи молиявӣ ба забони русӣ ташкил шуда буд. Ҳоло сифату саҳеҳии иттилоот, амалӣ гардонидани вожаю истилоҳоти соҳаи ҳисобгирии молиявӣ ба уҳдаи кӣ гузошта шудааст? Дар маҷмӯъ ба Раёсати равишомӯзии баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудити Вазорати молияи ҶТ, Вазоратҳои соҳавӣ ва Кумитаи забон ва истилоҳот. Бо М. Ҳомидов ҳамфикрӣ намуда нуқтаи назари ӯро тасдиқ менамоям, ки "Дар ягон соҳа, на дар амалияаш, на дар илмаш чунин саҳланкорӣ мумкин набошад. Дар соҳаи баҳисобгирии муҳосибӣ бошад, касе чӣ тавр хоҳад китоб менависад, тарҷума мекунад, шарҳ медиҳад, тафсир мекунад".

Дар субъектҳои хоҷагидорӣ ҳолати амалӣ гардонидани забони давлатӣ ба талабот он қадар ҷавобгӯ нест, норасогиҳо зиёданд. Бештари ҳуҷҷатҳои аввалия ба забони давлатӣ тарҷума нашудаанд, стандартҳои миллии ҳисоботи молиявӣ таҳия нагардида СБҲМ тарҷума нашудааст. Мувофиқи талаботи Қонуни ҶТ "Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон" масоили марбут ба амалӣ гардонидани забони давлатӣ дар соҳаи ҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит бояд экспертиза гузаронида, натиҷаи он дар васоити ахбори оммавӣ пешкаш карда шавад.

Бо фаҳмотар гардонидани вожаю мафҳумҳои ҳисобгирии муҳосибӣ, амалӣ гардонидани сиёсати ҳисобдорӣ дар корхонаю ташкилотҳо сифати иттилоот беҳтар гардида, боваринокии истифодабарандагони онро устувортар мегардонад ва дар натиҷа ба рушди муносибатҳои иқтисодӣ сабаб мешавад.

***Мирзобек Шобеков, и.в. профессори Донишгоҳи технологии Тоҷикистон***

# МАҚСАД: РУШДИ НАССОҶӢ



Солҳои охир саноати нассоҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар зинаҳои начандон баланди тараққиёт қарор дорад. Зебоӣ ва зебоипарастии инсониятро сару либос тараннумгар мебошад. Аз ин лиҳоз, барои мақбулияти ин раванди заҳматталаб лозим меояд, ки момутахассисони соҳа дар ин ҷода андеша намуда, барои беҳбудии он камари ҳиммат бандем.

Донишгоҳи технологии Тоҷикистон яке аз марказҳои ташаккули илму амали ин соҳа ба ҳисоб меравад. Бо дарназардошти ин, Вазорати саноат ва технологияҳои навинро зарур аст,ки барои дар ин донишгоҳ тайёр намудани мутахассисони ҷавон таваҷҷуҳи боз ҳам бештар зоҳир намоянд.

Донишгоҳи технологӣ, ки факултети технология ва дизайн як ҷузъи таркибии он мебошад, дар ин ҷода мутахассисонро барои таъмини соҳаҳои хоҷагии халқ дар ёздаҳ равияи гуногун тайёр менамояд.

Базаи илмӣ-методии донишгоҳ сол аз сол васеъю мустаҳкам гашта, равнақ меёбад. Дар ин самт тахассусҳои ресанда, бофанда, бофандагӣ бо усули кешбофӣ, метрология, стандартизатсия ва сертификатсия, мутахассисонро тайёр намуда, ба хоҷагии халқ пешниҳод менамоянд. Базаи илмӣ -методии донишгоҳ хеле калон буда, донишҷӯёнаш дар корхонаҳои азими ҳозиразамон ба мисли "Файзи Истиқлол"-и шаҳри Ҳисор, "Ҷунтай Син Ян"-и шаҳри Данғара ,"Хима- текстил"-и ноҳияи Ёвон аз таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ мегузаранд.

Бо ташаббус ва дастгирии Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, инчунин роҳбарияти Донишгоҳи технологии Тоҷикистон нисбати тарбияи тахассусмандони соҳаи саноат диққати махсус дода мешавад.Боиси хурсандист, ки дар базаи ташаккул ва омӯзиши соҳаи бофандагӣ боз як шохаи нави технологӣ таъсис дода шуд. Дар озмоишгоҳи бофандагӣ дастгоҳи худкори кешбофии тамғаи ОЗДС насб карда шуд, ки он имкон медиҳад, донишҷӯён мустақилона ҳама мушкилоти чӣ тавр бофтани матои кешбофиро дида маҳсулоти тайёри ҷӯробҳоро аз ресмонҳои пахтагин омода созанд.

Ҳайати омӯзгорони кафедра заҳматҳои зиёд кашида донишҷӯёни худро аз рӯи нақшаҳои тасдиқкардаи роҳбарият ба корхонаҳои ҳозиразамон шинос намуда, мақсад ва вазифаҳои дар пеш гузоштаи давлат ва роҳбарияти донишгоҳро амалӣ мегардонанд. Донишҷӯёне, ки як маротиба аз истеҳсолот дидан менамоянд, бо шавқу ҳаваси калон нисбати касби худ тасаввурот пайдо намуда, дар самти беҳбудии касби худ бо масъулият ва завқи баланд илму амалро азхуд менамоянд.

Чӣ тавре ки Пешвои муаззами миллат, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар паёмашон ба Маҷлиси Олӣ оид ба рушду нумӯи саноати нассоҷии кишвар дастуру ҳидоятҳо додаанд, барои баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии халқи азизамон бояд тамоми соҳаҳои истеҳсолот ва саноатро тараққӣ дода, ҷойҳои нави кориро зиёд намоем ва ба ин васила мутахассисони ҷавон тавонанд дар истеҳсоли маҳсулоти ватанӣ бештар саҳмгузор бошанд.

Аз фурсати муносиб истифода бурда, аз номи ҳайати кафедраи технологияи маснуоти нассоҷӣ ҳамаи ҳамкорон ва шогирдонро бо фарорасии Соли нави мелодӣ табрику таҳният гуфта, ба ҳамаи онҳо тани сиҳат, иқболи баланд ва саодатмандӣ орзу мекунам.

***С.Ниёзбоқиев, мудири кафедраи технологияи маснуоти нассоҷӣ***

# INNOVATION COMMUNICATIVE TECHNOLOGY (ICT) AND EMPOWERMENT OF RURAL WOMEN

The state strategy "Information and communication technologies for development of the Republic of Tajikistan" approved by the Presidential decree of the Republic of Tajikistan in November 5, 2003 No. 1174 opens organizational, economic and financial mechanisms of implementation which basis the principles of program and target approach on the basis of monitoring and transparency of execution.

Before going to study the role of ICTs in women empowerment, is necessary to understand what is ICT. Information and Communication Technologies (ICT) are a divers set of technological tools and resources to create, disseminate, store, bring value addition and manage information. The ICT sector consists of segments as diverse as telecommunications, television and radio broadcasting, computer hardware, software and services and electronic media, for example, the internet and electronic mail (United Nations 2005:1).

The end of the twentieth century put the issue of women's equality as one of particular relevance in the development of all humanity. This question is certainly important in the context of social change in a globalizing world, complexity of social relations, growth of negative signs of an emerging "risk society". Women were the first to ask questions about gender, trying to find solutions to this problem and to protest against an unequal position. They were opposed to the barriers on the way to the full realization of an individual based on stereotyped perceptions of male and female roles.

The role of information and communication technologies (ICTs) as a development tool and one of the solutions to the problem of women's equality has attracted the constant attention of the government and NGOs. Information and Communication Technologies can have a strong impact on the development of rural women. Through ICT, women can improve their life and be active participants in the rural development.

The millennium declaration adopted in 2000 underscored the urgency of ensuring that the benefits of new technologies, especially ICTs, are made available to all. ICTs can be powerful catalyst for political and social empowerment of women and the promotion of gender equality ( United Nations 2005:). This paper examines some key ICT based initiatives in Asia in general and India in particular which are specifically designed for the empowerment of rural women. It shows how ICT based initiatives empower rural and deprived women; it tries to clarify a theoretical dilemma between meaning and measurement of empowerment and provides holistic of empowerment.

Finally it focuses on the twofold needs to address some of the social and technical challenges as well as policy suggestions to use ICTs proactively and effectively to promote gender equality and for the empowerment of rural women.

In recent times the issues of women's equality interest not only researchers and scientists but also representatives of authorities, international and non-governmental organizations.

Women constitute half of the world's population, perform nearly two thirds of its work hours, receive one tenth of the world's income and own less than one hundredth of the world's property. According to a census of 2001, 23 percent of women are made by workers, 94 per cent of all working women are in the informal sector. 'Women carry a disproportionately greater burden of work are in then men and since women are responsible. For a greater share of work in case of economy, they enter labour market already overburdened with work' (United Nations 2005)

If women just as before will not have knowledge and services in the field of ICT, they will become increasingly marginalized. The gender gap will expand and many of secondary benefits which are obtained from empowerment of women and gender equality will not be realized. Empowerment is rooted in how people see themselves - their sense of self-worth. This in turn is critically bound up with how they are seen by those around them and by their society (Kabiri 2010).

Absence of deliberate policy, the diffusion and use of ICTs and their intended benefits may actually exacerbate existing disparities in income, and economic abyss, as a result, the poorer segments of the population will be more marginalized, exploited and will be brought to deeper poverty. As shows researches poverty and disempowerment generally go hand in hand, because an inability to meet one's basic needs and the resulting dependence on powerful others to do so rules out the capacity for meaningful choice (Kabiri 2010).

Many past studies, empowerment' is looked at in relation to how people understand power. It is also presented as process through which women gain power over men. This specific understanding of empowerment is possible one of reasons mentioned the concepts. In other cases, empowerment is presented as process that enables women gain access to decision making and making choices about their own lives (Huer and Sioskia 2003).

According to Longwe, only by addressing the five levels at which gender gaps exit empowerment can happen. The five levels include welfare, access, awareness, mobilization and control. Welfare addresses the lowest level at which a development intervention may hope to close a gender gap; while control is level at which there is a balance of power between women and men neither dominance ( D. A. Patil, A. M. Dhere, C. B. Pawar 2009). Each of these resources certainly has the potential to bring about positive changes in women's lives, but, in each case, it is the social relationships that govern access to the resource in question that will determine the extent to which this potential is realized.

Jain (2006) observed that, ICT has played an important role in changing the concept of work and workplace. New areas of employment such as networking, i.e. working from a distance, are becoming feasible with new technology.

Dalal (2006) argues that, while there is recognition of the potential of as a tool for the promotion of gender equality and the empowerment of women, a 'gender divide' has also been identified reflected in the lower numbers of women, accessing and using ICT compared with men. Unless this gender divide is specifically addressed, there is a risk that ICT may exacerbate existing inequalities between women and men and create new forms of inequality

There are very few studies, which have been conducted to analyze the role ICT for women empowerment; same of the relevant studies as follows:

CEEWA (Council for the Economic Empowerment of Women of Africa) (2005)in its study in Uganda found that as an enormous source of information, ICT constitute a powerful leaning toll that provides access to marketing information that can help women's business succeed. However, access to ICT is restricted because of oppressive gender relations, social cultural barriers, the distance to the ICT facilities, poor infrastructure and costs for access ICT.

***Narzulloeva M.S., Mirzoeva N.M. Technological University of Tajikistan***

| ЯНВАР | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| ДШ | 1 | 8 | 15 | 22 | 29 |
| СШ | 2 | 9 | 16 | 23 | 30 |
| ЧШ | 3 | 10 | 17 | 24 | 31 |
| ПШ | 4 | 11 | 18 | 25 | |
| ҶМ | 5 | 12 | 19 | 26 | |
| ШБ | 6 | 13 | 20 | 27 | |
| ЯШ | 7 | 14 | 21 | 28 | |

| ФЕВРАЛ | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| ДШ | | 5 | 12 | 19 | 26 |
| СШ | | 6 | 13 | 20 | 27 |
| ЧШ | | 7 | 14 | 21 | 28 |
| ПШ | 1 | 8 | 15 | 22 | |
| ҶМ | 2 | 9 | 16 | 23 | |
| ШБ | 3 | 10 | 17 | 24 | |
| ЯШ | 4 | 11 | 18 | 25 | |

| МАРТ | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| ДШ | | 5 | 12 | 19 | 26 |
| СШ | | 6 | 13 | 20 | 27 |
| ЧШ | | 7 | 14 | 21 | 28 |
| ПШ | 1 | 8 | 15 | 22 | 29 |
| ҶМ | 2 | 9 | 16 | 23 | 30 |
| ШБ | 3 | 10 | 17 | 24 | 31 |
| ЯШ | 4 | 11 | 18 | 25 | |

| АПРЕЛ | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| ДШ | | 2 | 9 | 16 | 23/30 |
| СШ | | 3 | 10 | 17 | 24 |
| ЧШ | | 4 | 11 | 18 | 25 |
| ПШ | | 5 | 12 | 19 | 26 |
| ҶМ | | 6 | 13 | 20 | 27 |
| ШБ | | 7 | 14 | 21 | 28 |
| ЯШ | 1 | 8 | 15 | 22 | 29 |

| МАЙ | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| ДШ | | 7 | 14 | 21 | 28 |
| СШ | 1 | 8 | 15 | 22 | 29 |
| ЧШ | 2 | 9 | 16 | 23 | 30 |
| ПШ | 3 | 10 | 17 | 24 | 31 |
| ҶМ | 4 | 11 | 18 | 25 | |
| ШБ | 5 | 12 | 19 | 26 | |
| ЯШ | 6 | 13 | 20 | 27 | |

| ИЮН | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| ДШ | | 4 | 11 | 18 | 25 |
| СШ | | 5 | 12 | 19 | 26 |
| ЧШ | | 6 | 13 | 20 | 27 |
| ПШ | | 7 | 14 | 21 | 28 |
| ҶМ | 1 | 8 | 15 | 22 | 29 |
| ШБ | 2 | 9 | 16 | 23 | 30 |
| ЯШ | 3 | 10 | 17 | 24 | |

| ИЮЛ | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| ДШ | | 2 | 9 | 16 | 23/30 |
| СШ | | 3 | 10 | 17 | 24/31 |
| ЧШ | | 4 | 11 | 18 | 25 |
| ПШ | | 5 | 12 | 19 | 26 |
| ҶМ | | 6 | 13 | 20 | 27 |
| ШБ | | 7 | 14 | 21 | 28 |
| ЯШ | 1 | 8 | 15 | 22 | 29 |

| АВГУСТ | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| ДШ | | 6 | 13 | 20 | 27 |
| СШ | | 7 | 14 | 21 | 28 |
| ЧШ | 1 | 8 | 15 | 22 | 29 |
| ПШ | 2 | 9 | 16 | 23 | 30 |
| ҶМ | 3 | 10 | 17 | 24 | 31 |
| ШБ | 4 | 11 | 18 | 25 | |
| ЯШ | 5 | 12 | 19 | 26 | |

| СЕНТЯБР | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| ДШ | | 3 | 10 | 17 | 24 |
| СШ | | 4 | 11 | 18 | 25 |
| ЧШ | | 5 | 12 | 19 | 26 |
| ПШ | | 6 | 13 | 20 | 27 |
| ҶМ | | 7 | 14 | 21 | 28 |
| ШБ | 1 | 8 | 15 | 22 | 29 |
| ЯШ | 2 | 9 | 16 | 23 | 30 |

| ОКТЯБР | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| ДШ | 1 | 8 | 15 | 22 | 29 |
| СШ | 2 | 9 | 16 | 23 | 30 |
| ЧШ | 3 | 10 | 17 | 24 | 31 |
| ПШ | 4 | 11 | 18 | 25 | |
| ҶМ | 5 | 12 | 19 | 26 | |
| ШБ | 6 | 13 | 20 | 27 | |
| ЯШ | 7 | 14 | 21 | 28 | |

| НОЯБР | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| ДШ | | 5 | 12 | 19 | 26 |
| СШ | | 6 | 13 | 20 | 27 |
| ЧШ | | 7 | 14 | 21 | 28 |
| ПШ | 1 | 8 | 15 | 22 | 29 |
| ҶМ | 2 | 9 | 16 | 23 | 30 |
| ШБ | 3 | 10 | 17 | 24 | |
| ЯШ | 4 | 11 | 18 | 25 | |

| ДЕКАБР | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| ДШ | | 3 | 10 | 17 | 24/31 |
| СШ | | 4 | 11 | 18 | 25 |
| ЧШ | | 5 | 12 | 19 | 26 |
| ПШ | | 6 | 13 | 20 | 27 |
| ҶМ | | 7 | 14 | 21 | 28 |
| ШБ | 1 | 8 | 15 | 22 | 29 |
| ЯШ | 2 | 9 | 16 | 23 | 30 |

# МУЧАЛ

Мучал, мӯрҷал - солшумории дувоздаҳгона, ки дар кӯҳистони тоҷик бо номи "сол", "мӯлҷар" машҳур аст, аз замонҳои бостон корбурд мешавад. Мутобиқи фарҳанги мардумӣ дар ин намуди солшуморӣ банавбат ба 12 ҷонвар номгузорӣ шуда, 6 ҳалолу 6 ҳаром буда, аз рӯйи хусусияту табиати ҳайвонҳо, меъёрҳои сириштию мизоҷии онҳо ба афроди дар ҳамон соли ҳайвон таваллудёфта толеъбинӣ мешавад. Яъне, чигунагии соли "мучал"-и шахсро мардум аз рӯйи шакл ва рафтори ҷонвар пешгӯйӣ мекунанд.

Тақвим аз даври 12-солаи номи ҳайвонотро дошта иборат аст ва тоҷикон аз қадим онро ҳисоби "мучал", "мулҷар" ё "мурча" меноманд. Тақрибан ҳашт қарн муқаддам, Абунасри Фароҳӣ дар асараш "Нисоб-ус-сибён" тартиби солҳои дувоздаҳгонаро ба риштаи назм даровarда, тақвими "мучал"-ро чунин муаррифӣ кардааст:

***Мушу бақару палангу харгӯш шумор,***
***З-ин чор чу бигзарӣ, наҳанг ояду мор,***
***В-он гаҳ ба аспу гӯсфанд аст ҳисоб,***
***Ҳамдунаву мурғу сагу хук охири кор.***

Соли нав яке аз он идҳост, ки онро дар саросари ҷаҳон ҷашн мегиранд. Вале ҷашнгирии он дар байни ҳар як халқ хусусияти хосеро дорост.

Ҷашнгирии Соли нави мелодӣ аз 1 январ бо фармони император Гай Юлий Сезар соли 46 то милод дар Рими Қадим ҷорӣ шуда буд. Моҳи январ аз номи Янус - худои дурӯя, таҷассумгари дару дарвоза, интохобҳо ва нахустин корҳо гирифта шудааст.

Соли 1700 бо фармони император Пётри I Соли нав дар Русия ба монанди дигар давлатҳои Европа аз 1 январ (мувофиқи солшумории Юлианӣ) қайд карда мешавад.

Аз соли 1919 ҷашни Соли нав дар Русия мувофиқи солшумории Григорианӣ қайд карда мешавад. Аз 23 декабри соли 1947 бо указ Президиуми Совети Олии ИҶШС 1 январ рӯзи истироҳат эълон шудааст.

Дар Тоҷикистони соҳибистиқлол анъанаи ҷашнгирии Соли нави мелодӣ давом дорад ва 1 январ дар қаламрави ҷумҳурӣ рӯзи истироҳат аст.

Соли нав идест, ки омодагии зиёдеро дар пай дорад. Махсус барои онҳое, ки "ҳама вақт аз камии вақт" шикоят мекунанд, дастури омодагиро пешниҳод мекунем.

Аз ҳама асосӣ аз нақшаҳои наполеонӣ (Бобои барфӣ аз шумо намепурсад) даст кашидан даркор аст.Ваъдаи бузург надиҳед, агар онҳоро амалӣ карда наметавонед. Сарборӣ дар охири сол ин як кори маъмулист, ба ин ҳам таваҷҷӯҳи зиёд нанамоед.Дар арафаи идҳо реҷаи анъанавии тановули ғизоро вайрон накунед! Ба корҳои маъмулӣ машғул шавед. Тамрину фитнесро фаромӯш накунед. Давомаш одӣ ва маъмулӣ хоҳад буд. Нақшаи омодакардаро амалӣ намоед ва ба таровати зиндагиатон боз як зебогии дигар зам намоед.

*Таҳияи С. Ашӯров*

# МАСЛИҲАТ БА КАДБОНУҲО

Дар хамири хамирмоядор ва бехамирмоя аз фаллаи (твороги) беравған истифода баред, чизи пухтаатон ковок мешавад.

* * *

Тухми сахт яхкардаро дар оби шӯри хунук нигоҳ доред, яхи тухм об мешавад ва тухм ҳангоми пӯхтан намекафад.

* * *

Агар хамири бо хамиртуруш шӯрида дар вақташ баланд нашавад, ба рӯяш 1-2 халтача моддаи ковоккунанда пошида, хамирро якбори дигар мушт кунед. Ин нон хеле бомазза мешавад.

* * *

Моддаи ковоккунанда- разрыхлител надоред? Пас, 5гр сода, 3гр кислотаи лимӯ ва 12гр ордро омехта кунед. Разрыхлител омода шуд.

* * *

Дар хамири қаннодиҳо ба ҷои шакари муқаррарӣ шакари кӯфта андозед, маҳсулот фаххак мешавад.

* * *

Агар бисквитро аз тобаи чуянӣ бароварда натавонед, тобаро ба рӯи латтаи дар оби хунук таркарда гузоред. Вале агар бисквитро аз тобаи металӣ бароварда натавонед, тобаро чанд дақиқа ба оби гарм нигоҳ доред.

* * *

Агар кулчақанд сӯхта бошад, онро аз тоба бароварда, хунук кунеду оҳиста-оҳиста бо турбтарош (ё бо корд) қабати сӯхтаашро тарошед ва аз болояш кӯфтаи шакар пошед.

* * *

Карамро ҳамагӣ 10-15 дақиқа дар об пазед. Бӯи нохушаш рафъ гашта, ранги аслиаш боқӣ мемонад.

* * *

Карамро дар оби ҷӯшон чайқонед ё ба он шакар ё намак андозед, дар хӯриш мулоим мешавад.

## ҲАЗЛҲОИ СОЛИНАВӢ

**Мехоҳам дар Соли нав,**
**Нархҳо арзон шаванд.**
**Бозорҳои хӯрока,**
**"Аз они деҳқон" шаванд.**

**Мехоҳам дар Соли нав,**
**Донишҷӯ дарс бихонад.**
**Илму донишро пурра,**
**Аз Замин то Марс донад.**

**Мехоҳам дар Соли нав,**
**Патентҳо арзон шаванд.**
**Муҳоҷири меҳнатӣ,**
**Хурсанду шод бимонад.**

**Мехоҳам дар Соли нав,**
**Дунё обод бимонад.**
**Мардуми рӯи замин,**
**Хурсанду шод монад.**

**Мехоҳам дар Соли нав,**
**Вайбер, ИМО гум шавад.**
**Дарсхонии донишҷӯ,**
**То ин ки маълум шавад.**

*Х. Ҷонмардова,*
*мудири сифхона*

# ДТТ - ҒОЛИБИ СПАРТАКИАДАИ НОҲИЯВӢ

Санаи 4-уми декабри соли 2017 дар толори варзишии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон бахшида ба Соли ҷавонон бо иштироки намояндагони мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Фирдавсӣ, раёсати донишгоҳ, шуъбаи кор бо ҷавонони донишгоҳи зикргардида ва намояндагони мактабҳои олии ноҳияи Фирдавсӣ маросими ифтитоҳии спартакиадаи ноҳияи Фирдавсии пойтахт шуда гузашт.

Спартакиада аз рӯи панҷ намуди варзиш: тенниси рӯи миз, шоҳмот, гӯштини дзюдо, волейбол ва футболи хурд гузаронида шуд.

Дар ҷамъбасти спартакиада варзишгарони Донишгоҳи технологии Тоҷикистон дар байни 10 дастаи иштирокчӣ ҷойи 1-умро ишғол намуда, бо ифтихорнома ва туҳфаҳои хотиравӣ сарфароз гардонида шуданд.

Фановар

Рӯзнома бо се забон: тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ чоп мешавад.

САРМУҲАРРИР: Раҷабалӣ ШАРИФОВ

МУАССИС: Донишгоҳи технологии Тоҷикистон

Ҳайати таҳририя: Амонзода И.Т., Тошматов М.Н., Юсупова З.Р., Ҳакимов Ғ.Қ., Бобоев Х.Б., Юсупов М.Ч.

Нишонии мо: 734061- ш. Душанбе, кӯчаи Н.Қаробоев 63/3

Рӯзнома ба хотири риояи озодии афкор маводеро низ ба табъ мерасонад, ки хилофи назараш аст. Аз ин рӯ, масъулияти ақидаи муаллифро ба ухда намегирад.

*Рӯзнома 04 июли соли 2017 таҳти рақами 007/рз-97 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб гирифта шудааст.*

*Рӯзнома дар ҶДММ «Мега принт»-и шаҳри Душанбе чоп шудааст. Теъдоди нашр 1000 нусха.*